بسم الله الرحمن الرحيم

# Фазоили саҳеҳи оёт ва сураҳои Қуръони Карим

Нависанда:
Фахруддин ибни Зубайр ибни Алӣ Мӯҳсинӣ

Тарҷумаи:
Абдулқодири Таршобӣ

Баргардон ва таҳияи:
Дилшоди Абдулманнон

ТАМОМИ ҲУҚУҚ ОЗОД АСТ

## МУНДАРИҶА

Муқаддимаи баргардон....................................................................3
Муқаддимаи мутарҷим....................................................................8
Муқаддимаи муаллиф ....................................................................9
**БОБИ I. Аҳодиси Набии Акрам (с) дар бораи фазилати Қуръони Карим**
Аҳодиси Набии Акрам (с) дар бораи фазилати Қуръони Карим ....10
**БОБИ II. Фазоили сураҳо ва оятҳои Қуръони Карим ба тартиби Мусҳаф**
Фазилати сураи Фотиҳа ....................................................................26
Фазоили сураи Бақара ....................................................................31
Фазоили Оятулкурсӣ ....................................................................35
Фазоили ду ояти охири сураи Бақара ...........................................37
Фазоили сураи Оли Имрон ..............................................................39
Фазилати оятҳои аввали сураи Оли Имрон......................................40
Фазилати оятҳои поёнии сураи Оли Имрон......................................41
Фазилати ҳафт сураи тулонии Қуръони Карим ..............................43
Фазилати сураи Моида....................................................................43
Фазилати сураи Анъом....................................................................44
Фазилати сураи Тавба ....................................................................44
Фазоили сураи Ҳуд.........................................................................45
Фазоили сураи Каҳф........................................................................45
Фазилати оятҳои аввали сураи Каҳф ..............................................46
Фазилати сураи Тоҳо.......................................................................47
Фазилати сураи Ҳаҷҷ.......................................................................47
Фазилати сураи Сод ........................................................................48
Фазилати сураи Фатҳ.......................................................................49
Фазилати сураи Қоф ........................................................................49
Фазилати сураи Наҷм.......................................................................50
Фазилати сураи Воқиа......................................................................50
Фазоили сураи Мулк .......................................................................51
Фазилати сураи Мурсалот ...............................................................52
Фазилати сураи Набаъ......................................................................53
Фазилати сураи Таквир, Инфитор, Иншиқоқ...................................53
Фазилати сураи Кофирун.................................................................54
Фазоили сураи Ихлос .......................................................................54
Фазоили сураҳои Фалақ ва Нос.........................................................59
Нукоти парокандае дар бораи сураҳо ва оёт.....................................62

# ПЕШГУФТОРИ БАРГАРДОН

*Алҳамдули-л-лаҳи рабби-л-ъаламин, ва-с-салату ва-с-саламу ъала ашрафи-л-анбияи ва-л-мурсалин ва ъала олиҳи ва асҳабиҳи ва аҳли байтиҳи аҷмаъин ва ъала ман табиъаҳум би-иҳсанин ила явми-д-дин. Амма баъд:*

Ҳамду санои беадад ба Худованди яктову беҳамто ва дуруди бепоён ба фиристодаи барҳаққи Ӯ-ҳазрати Муҳаммади Мустафо- ва салому паёмҳои самимӣ ба шумо хонандагони арҷуманду гиромӣ ва дӯстдорони каломи Раббонӣ.

Дар бораи китоби осмонӣ сухан гуфтан корест, ниҳоят нозуку душвор. Қуръони Карим ганҷинаест, ки ҳар ташнаеро фароххолу сероб ва ҳар ҷӯяндаеро комёб мегардонад. Қуръони Карим бузургтарин неъмати илоҳӣ барои тамоми инсоният аст, ки бузургтарин сармояҳову сарвати дунё наметавонад бо он баробарӣ кунад. Қуръон нусхаи шифост, ки тиловат, шунидан, шунавонидан, омӯхтану омӯзиш додан, чоп, нашр, нигоҳ кардан, аз ҳама мӯҳим амал кардан ба гуфтаҳои он ва ҳар гуна хидмат ба он, саодати бузурги дунё ва охиратро дар бар дорад.

Уқба ибни Омир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ - саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «чӣ касе аз шумо дӯст дарад, ки ҳар рӯз субҳ ба Бутҳан ё Ақиқ (номи мавзеест) биравад, ва бидуни ин ки муртакиби гуноҳ ё қатъи иртиботи хешовандӣ шавад? Бидонед, ки агар яке аз шумо ба масҷид биравад ва ду оят аз китоби Худованд биёмӯзад ё тиловат намояд, барояш аз ду шутур беҳтар аст ва се оят аз се шутур, чаҳор оят аз чаҳор шутур ва ҳар теъдоди оят аз ҳамон андоза шутур беҳтар аст».[1]

Ҳадиси мазкур намунаест аз тарғибҳову ташвиқҳо ва фазоиле, ки ҳазрати Расули акрам-саллаллоҳу алайҳи васаллам-

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

аз барои тиловат ва фаҳму амал ба Қуръон ба уммат баён фармудааст.

Ҳар гоҳ одамӣ қалбаш ба Қуръон ошноӣ пайдо кард, итминон меёбад, ки пирӯзи ва саодату наҷоти вай дар хондану амал намудан ба Қуръон аст ва ин шуруи пирӯзӣ ва растагории ӯ дар дунё ва охират аст. Худованди бузург мо мусалмононро ба беҳтарин китоби мунзал ва ба беҳтарин Паёмбари мурсал насиб гардонидааст ва чуноне ки мефармояд: [1]

**«Яқинан Худованд бар мӯъминон миннат ниҳод ва тафаззул кард бадон гоҳ, ки дар миёнашон пайғамбаре аз ҷинси худашон барангехт.** (Пайғамбаре, ки) **Бар онон оёти Ӯро мехонд ва эшонро** (аз ақоиди нодурӯст ва ахлоқи зишт) **покиза медошт ва ба эшон китоб** (-и Қуръон ва ба дунболи он хондан ва навиштан) **ва фарзонагӣ** (яъне асрори суннат ва аҳкоми шариат) **меомухт ва онон пеш аз он дар гумроҳии ошкоре** (ғутавар) **буданд»** [Оли Имрон-164].

**«Ин Қуръон (мардумонро) ба роҳе раҳнамуд мекунад, ки мустақимтарини роҳҳо** (барои расидан ба  саодати дунёву охират) **аст ва ба мӯъминоне, ки** (баробари дастуроти он) **корҳои шоиста ва писандида мекунанд, мужда медиҳад, ки барои онон (дар сарои дигар) бодоши бузурге (ба номи биҳишт) аст»** [Исро-9].

**«Агар мо ин Қуръонро барои кӯҳе фурӯ мефиристодем, кӯҳро аз тарси Худо курнишкунон ва шикофта медидӣ! Мо ин мисолҳоро барои мардумон баён медорем шояд, ки эшон биандешанд** (ва бо диди бино ва биниши огоҳ ба оёти Қуръонӣ бингаранд ва дили сангини худро бо барқи Қуръон ба такону ларза оваранд)**»** [Ҳашр-21].

---

[1] *Дар тарҷумаи оятҳо аз «Тафсири нур»-и Мустафо Хуррамдил истифода шудааст.*

**«Эй мардумон! Аз сӯи Парвардигоратон барои шумо андарзе** (ҷиҳати раҳнамуди зиндагӣ) **ва дармоне барои чизҳое, ки дар синаҳост** (Ҳамчун куфру нифоқ, кинаву ситам ва душманӣ бо ҳаққу ҳақиқат) **омадааст** (ки Қуръон ном дорад) **ва ҳидояту раҳмат барои мӯъминон аст»** [Юнус-57-58].

**«Худованд беҳтарин суханро** (ба номи Қуръон) **фурӯ фиристодааст. Китоберо, ки ҳамгун ва** (матолибе чун мавъизаҳову бурҳонҳо ва қиссаҳову масъалаҳои мухталифе) **мукаррар** *(такроран)* **аст. Аз** (шунидани оёти) **он ларза бар андоми касоне меафтад, ки аз Парвардигори худ метарсанд ва аз он пас пӯстҳояшон ва дилҳояшон** (ва ҳама вуҷудашон) **нарму омодаи пазириши Қуръони Худо мегардад** (ва онро тасдиқ ва ба он амал мекунанд)**. Ин** (китоб муштамил бар) **раҳнамуди илоҳист ва Худо ҳар киро бихоҳад дар партави он роҳёб месозад ва Худо ҳар киро гумроҳ созад, аслан роҳнамову роҳбаре нахоҳад дошт»** [Зумар-23].

**«...Бигу: Қуръон барои мӯъминон мояи роҳнамоӣ ва беҳбудӣ (шифо) аст...»** [Фуссилат-44].

**«Оё вақти он барои мӯъминон фаро нарасидааст, ки дилҳояшон ба ҳангоми ёди Аллоҳ ва дар баробари ҳаққу ҳақиқате, ки Худо фурӯ фиристодааст, биларзад ва курниш барад? Онон ҳамчун касоне нашаванд, ки барои эшон қаблан китоб фиристода шудааст ва сипас замони тӯлонӣ бар онон сипарӣ гаштааст ва дилҳояшон сахт шудааст ва бештарашон фосиқ ва хориҷ** (аз ҳудуди дини Худо) **гаштаанд»** [Ҳадид-16].

Баъзе аз донишмандони боинсофи ғайри мусалмон, ки Қуръонро хонда эъҷози онро дарк намуданд; гуфтаанд: агар ин Қуръон дар биёбоне ёфта шавад, хонандаи он мутаваҷҷеҳ мешавад, ки ин китоб гуфтори махлуқ нест балки каломи Раббулъоламин аст.

Манзур аз хондани Қуръон ҳам тиловати бо тафаккур ва андешидан дар гуфтаҳои Худованд аст. Ба қавли донишмандон:

— Касе ки илм ва тақво ва тадаббур надошта бошад, заррае аз ҳаловати Қуръонро дарк нахоҳад кард.

— Барои ман аҷиб аст, ки чӣ гуна мешавад касе Қукръон бихонад ва тафсири онро надонад, дар айни ҳол аз он лаззат бибарад.

— Ҳадафи истифода аз Қуръон фаҳми маъно, ва амал ба он мебошад ва агар ғайр аз ин мақсуди дигаре дошта бошад, ҳофизи он (Қуръон) на аз аҳли илм аст ва на аз аҳли дин.

— Вақте тадаббур кунанда дар Қуръон оятҳоеро бихонад, ки барои муолиҷаи бемориҳои қалбаш мӯҳтоҷи он аст, он оятро сад бор ва чӣ басо шабе то саҳар такрор кунад. Бояд дар назар дошт, ки қироати ояте ҳамроҳ бо тафаккур ва фаҳми он беҳтар ва фоидаовартар барои қалбаш аз қироати ҳамаи Қуръон дар ҳолати бидуни тадаббуру фаҳмидан мебошад. Ва ҳамон як оят ӯро ба касби имон ва шавқи ҳаловати Қуръон мекашонад.

Дар ҳақиқат хондани Қуръон дар намозҳои шабона маҳкамтарин васила, ҷиҳати бақои тавҳид ва шодобию таровати қалб аст.

Аммо дар сабаби таҳияи ин китоб, инро мехоҳам қайд намоям, ки: хостам бародарону хоҳарони худро боз ҳам бештар ба хондани Қуръон ҳавасманд гардонам. Сабаби дигараш дар ин аст, ки дар бораи фазоили оёт ва сураҳои Қуръони Карим китобе ба забони тоҷикӣ то ба ҳол надидам. Оре, китоби "Фазоилулаъмол" ба забони тоҷикӣ тарҷума гаштааст ва як бахши бузурги он ҳам дар бораи фазоили Қуръон аст, аммо ин китоб аз аҳодиси саҳеҳаш дида, ҳадисҳои заифаш бештар аст (ва ҳатто холӣ аз ҳадисҳои дурӯғин нест). Шояд толибилме ҳам эрод бигирад, ки оғо! Магар намедонӣ, ки дар мазҳаби мо (ё тибқи назари баъзе донишмандони илми ҳадис) амал намудан ба ҳадиси заиф ба шарти ин ки дар бораи фазилатҳо бошад

ишколе надорад?! Дар посух мегуем:  аз ин огаҳ ҳастам азизам! вале ин масъала ҷои баҳс ва шарту шароит дорад, ки дар кутуби "Мусталаҳулҳадис" ва "Усули ҳадис" ба таври муфассал баён гардидааст ва дар ин муқаддима матраҳ кардани ин масъаларо ба маслиҳат намебинам.

Ҳар ҳадисе, ки дар ин китобча зикр гаштааст, метавонед бо тамоми итминон онро саҳеҳ бидонед ва ҳар ҳадисеро, ки дар бораи фазоили сураҳо ё оятҳо дар ҷое мехонед ё мешунавед, ки дар ин китобча вуҷуд надорад, метавонед дар саҳеҳ будани он шак намоед зеро то шак накунӣ ба ҳақиқат нахоҳӣ расид.

Дар охир аз Худованди муттаол талаб менамоям, ки ҳамаи бародаронамонро ба роҳи рост ва парҳезгорӣ ҳидоят намояд ва ҳеҷ гоҳ аз дину имон ва равиши аҳли суннат хориҷ нагардонад.

وصلى الله على نبينا محمد و على آله و صحبه و سلم

ДИЛШОДИ АБДУЛМАННОН

## МУҚАДДИМАИ МУТАРҶИМ

Худоро ба сабаби арзонӣ бахшидани неъмати Ислому Қуръон сипос мегӯям ва бар Муҳаммад ва олу асҳобаш дурӯд мефиристам зеро онон бо исору фидокориҳояшон дарахти Ислому Қуръонро обёрӣ намуданд. Ва Исломро ба мо расонданд ва ин гуна бар мо миннат ниҳоданд ва барои ҳамеша моро мадюни *(қарзидори)* хеш сохтанд. Аз Худованди азза ва ҷалла масъалат *(дархосту дуо)* менамоям, ки беҳтарин подошҳоро ба онон *(асҳоби Паёмбар)* иноят фармояд ва моро ҳам аз аҷру савоб бебаҳра нагардонад.

Хонандаи гиромӣ! Китобчаеро, ки дар даст доред банда ба пешниҳоди яке аз дӯстон, тарҷума намудам. Аз он ҷое, ки дар боби фазоили сураҳо ва оёти Қуръони Карим як китоби ҷомеъ ба забони форсӣ вуҷуд надошт ва аз тарафи дигар, фазоили бисёре, ки дар лобалои баъзе аз китобҳо вуҷуд дорад, холӣ аз заъф нест. Умедворам, ки ин китобча барои шумо хонандагони гиромӣ, муфид воқеъ шавад. Ва ҳадди ақал ҳангоми хондан, ин итминонро дошта бошед, ки аҳодиси он "саҳеҳ" ва ё "ҳасан" *(наку)* ҳастанд. Ё ба иборати дигар, қобили истидлол *(исботи гуфтор бо бурҳон)* мебошанд. Умедворам, ки Худованди азза ва ҷалла ин амали ночизро аз банда бипазирад ва онро дар рӯзи қиёмат **«Рӯзе, ки молу фарзандон ҳеҷ суде намерасонанд»** *(Сураи "Шуаро"-88)* дар тарозӯи ҳасанотам қарор диҳад. Ва ҳамчунин ба пешниҳодкунанда ва тамоми касоне, ки дар чопу нашри он ҳамкорӣ мекунанд подошу аҷр иноят фармояд. Дар поён бандаро аз дуои хеш фаромӯш нафармоед.

*Абдулқодири Таршобӣ*

# МУҚАДДИМАИ МУАЛЛИФ

**إن الحمد لله نحمده ونستعينه ونستغفره ونعوذ بالله من شرور أنفسنا ومن سيئات أعمالنا من يهده الله فلا مضل له ومن يضلله فلا هادى له وأشهد أن لا إله إلا الله وحده لا شريک له وأشهد أن محمدا عبده ورسوله وصلى الله على محمد وعلى آله وصحبه أجمعين، أما بعد:**

Китобчаеро, ки дар даст доред, шомили маҷмуае аз аҳодиси саҳеҳи Набии акрам-саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи васаллам-пиромуни фазоили сураҳо ва оёти Қуръони Карим мебошад. Банда талош намудам то ҳама аҳодиси саҳеҳеро, ки ба онҳо даст ёфтам бо ишораи мухтасаре ба манбаи онҳо дар ин китоби кӯчак, ҷамоварӣ намоям. Ангезаи банда аз ин кор, саволе буд, ки дар яке аз дарсҳо матраҳ гардид ва ин матлаб мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки бисёре аз аҳодиси машҳӯр миёни тӯдаи мардум дар бораи фазоили оёт ва сураҳои Қуръони Каримро донишмандони исломӣ "заиф" донистаанд. Бинобар ин банда ин мухтасарро ҷамоварӣ намудам то аҳодиси саҳеҳро дар ин мавзӯъ ба хонандагони Қуръон, ки дар қироати сураҳо ва оёти Қуръони Карим толиби *(ҷӯяндаи)* ҳақиқат ва умедворӣ аҷру подош ҳастанд, пешкаш намоям. Дар поён ҳам аз Худованди азза ва ҷалла масъалат менамоям, ки ба мо истиқомат *(рост будан)* ва тавфиқ *(кӯмаку осойиш)* иноят *(насиб)* намояд ва ба сӯи таҳқиқ раҳнамун гардонад.

*Валҳамдулиллаҳи раббилъаламин.*

# БОБИ I
# АҲОДИСИ САҲЕҲИ НАБИИ АКРАМ - САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВАСАЛЛАМ- ДАР БОРАИ ФАЗИЛАТИ ҚУРЪОНИ КАРИМ

1– عَنْ عُثْمان ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «خَيْرُكُمْ مَنْ تَعَلَّمَ الْقُرْآن وَعَلَّمَهُ».

1.Усмон ибни Аффон-разияллоҳу анҳу- мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «беҳтарини шумо касест, ки Қуръонро ёд бигирад ва ба дигарон ёд бидиҳад».[1]

2– عَنْ أَبِي أُمَامَةِ البَاهِلِيِّ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «اِقْرَءُوا الْقُرْآنَ فَإِنَّهُ يَأْتِي يَوْمَ الْقِيَامَةِ شَفِيعًا لأَصْحَابِهِ».

2.Абӯумомаи Боҳилӣ-разияллоҳу анҳу- мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръонро тиловат намоед, зеро рӯзи қиёмат Қуръон барои касоне ки онро тиловат намудаанд шафоат менамояд».[2]

3– عَنْ أَبِى مُوسَى الأَشْعَرِىِّ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «الْقُرْآنُ حُجَّةٌ لَكَ أَوْ عَلَيْكَ».

3.Абӯмӯсои Ашъарӣ-разияллоҳу анҳу- мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръон ҳуҷҷате ба нафъи ту ё ҳуҷҷате алайҳи туст».[3] *(Агар онро тиловат намоӣ ва ба он амал кунӣ, ҳуҷҷате ба фоидаи ту хоҳад буд, дар ғайри ин сурат, ҳуҷҷате бар зарари ту хоҳад буд).*

4– عَنْ عَائشَةَ ل قَالَت: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «الْمَاهِرُ بِالْقُرْآنِ مَعَ السَّفَرَةِ الْكِرَامِ الْبَرَرَةِ وَالَّذِى يَقْرَأُ الْقُرْآنَ وَيَتَتَعْتَعُ فِيهِ وَهُوَ عَلَيْهِ شَاقٌّ لَهُ أَجْرَانِ».

4.Модари мӯъминон- Оиша -разияллоҳу анҳо-мегӯяд: Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «касе ки дар хондани Қуръон маҳорат дорад (рӯзи Қиёмат) манзалате

---

[1] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*
[2] *Саҳеҳи Муслим.*
[3] *Саҳеҳи Муслим.*

монанди манзалати фариштагони бузургвор ва накӯкор хоҳад дошт ва касе ки бо лакнати забон ва сахтӣ онро тиловат намояд ду подош дорад».[1]

5– عن عقبة بن عامرٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «لَوْ كَانَ الْقُرْآنُ فِي إِهَابٍ، مَا مَسَّتْهُ النَّارُ "وفي لفظ" لَوْ جُمِعَ الْقُرْآنُ فِي إِهَابٍ مَا أَحْرَقَهُ اللهُ بِالنَّارِ».

5. Уқба ибни Омир-разияллоҳу анҳу- мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «агар Қуръонро дохили пусте қарор диҳанд, оташ онро намесӯзонад» ва дар ривояте омадааст, ки «агар Қуръон ҷамъ оварӣ гардад ва дохили пусте гузошта шавад, оташ онро намесӯзонад».[2] *(Яъне мӯъмине, ки Қуръон ҳифз намояд ва ба он амал намояд, ба ҷаҳаннам намеравад).*

6– عَنْ جابرٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «الْقُرْآنُ شَافِعٌ مُشَفَّعٌ، وَمَاحَلٌ مُصَدَّقٌ، مَنْ جَعَلَهُ أَمَامَهُ قادَهُ إِلَى الْجَنَّةِ، وَمَنْ جَعَلَهُ خَلْفَهُ سَاقَهُ إِلَى النَّارِ».

6.Ҷобир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръон шафоат мекунад ва шафоати он ҳам пазируфта мешавад. Ҳамчунин Қуръон дифоъ менамояд ва суханаш тасдиқ мешавад. Ҳар касе Қуръонро пушти сари худ қарор диҳад, Қуръон ӯро ба биҳишт раҳнамоӣ мекунад. Ҳар касе Қуръонро пушти сари худ қарор диҳад *(яъне ба он таввaҷҷӯҳ накунад)*, ӯро ба сӯи ҷаҳаннам мекашонад»[3].

---

*[1] Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

*[2] Ривояти Табаронӣ дар “Мӯъҷам-ул- кабир” ва Байҳақӣ дар “Шуаб-ул-имон” ва санади он “ҳасан” мебошад чунончӣ дар “Саҳеҳ-ул- Ҷомиъ” омадааст. Мафҳуми ҳадис ин аст, ки агар Қуръон дихили пусте бошад, Худованд онро ба хотири шарофати Қуръон, намесӯзонад. Пас, агар ин Қуръон дохили синаи мӯъмин бошад ва мӯъмин ҳудудашро риоят кунад ва ҳарфи онро ҳифз кунад шоистагии бештаре дорад, ки мавриди эҳтиром қарор гирад ва дучори азоб нагардад.*

*[3] Ривояти Табаронӣ бо санади саҳеҳ чунончи дар “Силсилаи саҳиҳа”-и Шайх Албонӣ ворид шудааст.*

7– عن جُبَيْرٍ ﵁ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «أَبْشِرُوا فَإِنَّ هَذَا القُرآنَ طَرَفُهُ بِيَدِ اللهِ وَطَرَفُهُ بِأَيدِيكُم فَتَمَسَّكُوا بِهِ فَإِنَّكُم لَن تَهْلِكُوا وَلَن تَضِلُّوا بَعْدَهُ أَبَداً».

7.Ҷубайр-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «хушҳол бошед чаро ки як тарафи дигари ин Қуръон ба дасти Худованд ва тарафи дигари он ба дасти шумост, пас, ба он чанг бизанед, зеро бо доштани Қуръон ҳаргиз гумроҳ намешавед».[1]

8– عَنْ أَبِى سَعِيدٍ الْخُدْرِىِّ ﵁ قَالَ: قَالَ رسولُ اللهِ ﷺ: «كِتَابُ اللهِ هُوَ حَبلُ اللهِ الْمَمْدُودِ مِنَ السَّمَاءِ إِلَى الأَرْضِ».

8.Абӯсаъиди Худрӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръон ресмони илоҳист, ки аз осмон ба сӯи замин овезон шудааст».[2] *(Яъне ба он чанг бизанед то ба Худо бирасед).*

9– عَنْ زَيْدِ بنِ أرقَمٍ ﵁ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «أَمَّا بَعْدُ: أَلاَ أَيُّهَا النَّاسُ فَإِنَّمَا أَنَا بَشَرٌ يُوشِكُ أَنْ يَأْتِىَ رَسُولُ رَبِّى فَأُجِيبَ وَأَنَا تَارِكٌ فِيكُمْ ثَقَلَيْنِ أَوَّلُهُمَا كِتَابُ اللَّهِ فِيهِ الْهُدَى وَالنُّورُ، فَخُذُوا بِكِتَابِ اللهِ وَاسْتَمْسِكُوا بِهِ، (فَحَثَّ عَلَى كِتَابِ الله، وَرَغَّبَ فِيهِ، ثُمَّ قَالَ:) وَأَهْلُ بَيْتِي، أذَكِّرُكُمُ اللهَ في أَهْلِ بَيْتِي، أذَكِّرُكُمُ اللهَ في أَهْلِ بَيْتِي».

9.Зайд ибни Арқам-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «аммо баъд: эй мардум! Ман башаре беш нестам ба зуди қасиди Парвардигорам *(Малакулмавт)* меояд ва ман даъваташро иҷобат мекунам ва дар миёни шумо ду чизи бо арзиш ва сангин мегузорам: нахустини онҳо китоби Илоҳист, ки дар он, ҳидоят ва нур вуҷуд дорад, пас, китоби Худованди Мутаъолро маҳкам

---

[1] *Ривояти Табаронӣ дар "Мӯъҷамулкабир" бо санади саҳеҳ чунончи дар "Силсилаи саҳеҳа" ворид шудааст.*

[2] *Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» ворид шудааст.*

бигиред ва ба он чанг бизанед». Рови *(ривояткунанда)* мегӯяд: ба маҳкам гирифтани китоби Аллоҳ тарғиб ва ташвиқ намуд ва фармуд: «ва (дувуми онҳо) аҳли байти ман ҳастанд Дар бораи аҳли байти ман аз Худо битарсед, дар бораи аҳли байти ман аз Худо битарсед».[1]

10– عَنْ أَنَسٍ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «إِنَّ لِلَّهِ أَهْلِينَ مِنَ النَّاسِ، هُمْ أَهْلُ اللَّهِ وَخَاصَّتُهُ».

10.Анас-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Худованди Мутаъол дар миёни мардум, дӯстони вижа *(хос)*-е дорад бояд бидонед, ки аҳли Қуръон дӯстони вижа ва хоси Худованд ҳастанд».[2]

11– عَنْ عُمر بن الخطَّابِ ﷛ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «إِنَّ اللَّهَ يَرْفَعُ بِهَذَا الْكِتَابِ أَقْوَامًا وَيَضَعُ بِهِ آخَرِينَ».

11.Умар ибни Хаттоб-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Худованд ба василаи ин китоб миллатҳоеро боло мебарад ва миллатҳои дигареро ба зиллату хорӣ мекашонад».[3]

12– عن ابن مسعودٍ ﷛، قَالَ: قَالَ رسولُ اللهِ ﷺ: «مَنْ قَرَأَ حَرْفاً مِنْ كِتَابِ اللهِ فَلَهُ حَسَنَةٌ، وَالحَسَنَةُ بِعَشْرِ أمْثَالِهَا، لاَ أقول: (ألم) حَرفٌ، وَلكِنْ: ألِفٌ حَرْفٌ، وَلاَمٌ حَرْفٌ، وَمِيمٌ حَرْفٌ».

12.Абдуллоҳ ибни Масъуд-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас як ҳарф аз китоби Илоҳӣ тиловат намояд, як некӣ барояш сабт мешавад ва он некӣ даҳ баробар мешавад. Ман намегӯям: «алиф лом мим» як ҳарф аст, балки "алиф" як ҳарф "лом" як ҳарф ва "мим " як ҳарфи дигар аст».[4]

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Саҳеҳи Муслим.*

[3] *Саҳеҳи Муслим.*

[4] *Ривояти Тирмизӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар "Саҳеҳи сунани Тирмизӣ" омадааст.*

13– عَنْ أَبِى سَعِيدٍ الْخُدْرِىِّ ﷺ قَالَ: قَالَ رسولُ اللهِ ﷺ: «وَعَلَيْكَ بِذِكْرِ اللَّهِ وَتِلاَوَةِ الْقُرْآنِ فَإِنَّهُ رَوْحُكَ فِى السَّمَاءِ وَذِكْرٌ لَكَ فِى الأَرْضِ».

13.Абӯсаъиди Худрӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳамеша ба ёди Худои Мутаъол бош ва Қуръонро тиловат кун зеро тиловати Қуръон, руҳат дар осмон ва зикрат дар рӯи замин ба шумор меравад».[1]

14– عن عبد الله بن مسعودٍ ﷺ، قَالَ: قَالَ رسولُ اللهِ ﷺ: «اقرؤوا القرآن فإنكم تؤجرون عليه».

14.Абдуллоҳ ибни Масъуд-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръон бихонед чаро ки ба сабаби он аҷр ва подош мебаред»[2].

15– عن بن عمر ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «لَا يَمَسُّ الْقُرْآنَ إِلَّا طَاهِرٌ».

15.Ибни Умар-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръонро фақат инсони пок даст бизанад».[3]

16– عَنْ أَبِى مُوسَى الأَشْعَرِىِّ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «إِنَّ مِنْ إِجْلاَلِ اللَّهِ إِكْرَامَ ذِى الشَّيْبَةِ الْمُسْلِمِ وَحَامِلِ الْقُرْآنِ غَيْرِ الْغَالِى فِيهِ وَالْجَافِى عَنْهُ وَإِكْرَامَ ذِى السُّلْطَانِ الْمُقْسِطِ».

16.Абӯмусои Ашъарӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «яке аз роҳҳои таъзими Худованд эҳтиром гузоштан ба пирамарди мусалмон ва соҳиби Қуръон аст, ки дар хондан ва амал бо Қуръон ифрот *(аз ҳад зиёдаравӣ)* намекунад ва ҳамчунин Қуръонро раҳо наменамояд ва эҳтиром гузоштан ба ҳокими одил аст».[4]

---

[1] *Ривояти Аҳмад ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» омадааст.*

[2] *Саҳеҳи Ал-Ҷомиъ.*

[3] *Ривояти Табаронӣ бо санади саҳеҳ чунончи дар "Ирво-ул-ғалил" омадааст.*

[4] *Ривояти Абӯдовуд бо санади саҳеҳ чунончи дар "Сеҳеҳи сунани Абӯдовуд" амадааст.*

17– عن عبد الله بن مسعودٍ ﷺ، قَالَ: قَالَ رسولُ اللهِ ﷺ: «مَنْ سَرَّهُ أَنْ يُحِبَّ اللهَ وَرَسُولَهُ فَلْيَقْرَأْ فِي الْمُصْحَفِ».

17.Ибни Масъуд-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас дӯст дорад муҳаббаташ нисбат ба Худо ва паёмбараш афзоиш ёбад, Қуръонро аз мусҳаф *(китоби Қуръон)тиловат намояд»*.[1] *(Яъне бо нигоҳ ба Қуръон тиловат намояд).*

18– عن ابن عمر ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «لاَ حَسَدَ إِلاَّ فِى اثْنَتَيْنِ: رَجُلٌ آتَاهُ اللَّهُ الْقُرْآنَ فَهُوَ يَقُومُ بِهِ آنَاءَ اللَّيْلِ وَآنَاءَ النَّهَارِ وَرَجُلٌ آتَاهُ اللَّهُ مَالاً فَهُوَ يُنْفِقُهُ آنَاءَ اللَّيْلِ وَآنَاءَ النَّهَارِ».

18.Ибни Умар-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳасад хӯрдан фақат бар ду нафар ҷоиз аст; нахуст шахсе, ки Худованди Мутаъол ба ӯ Қуръон иноят намудааст ва ӯ онро шабу рӯз тиловат менамояд ва дувум касе, ки Худованди мутаъол ба ӯ мол ъиноят фармудааст ва ӯ шабу рӯз инфоқ *(садақа)* менамояд».[2]

19– عن ابن عمر ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «يُقَالُ لِصَاحِبِ الْقُرْآنِ إذا دَخَلَ الْجَنَّةَ اقْرَأْ وَارْقَ وَرَتِّلْ كَمَا كُنْتَ تُرَتِّلُ فِى الدُّنْيَا فَإِنَّ مَنْزِلَتَكَ عِنْدَ آخِرِ آيَةٍ تَقْرَؤُهَا».

19.Ибни Умар-разияллоҳу анҳума-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳангоме ки соҳиби Қуръон вориди биҳишт шавад, ба ӯ мегӯянд: Қуръон бихон ва боло бирав ҳамон гуна, ки дар дунё бо тартил мехондӣ, зеро манзалати ту назди охирин оятест, ки онро тиловат мекунӣ».[3]

20– عن عقبة بن عامر ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «أَيُّكُمْ يُحِبُّ أَنْ يَغْدُوَ إِلَى بُطْحَانَ أَوِ الْعَقِيقِ فَيَأْتِىَ كُلَّ يَوْمٍ بِنَاقَتَيْنِ كَوْمَاوَيْنِ زَهْرَاوَيْنِ، فِى غَيْرِ إِثْمٍ أَوْ قَطِيعة رَحِمٍ، فَلأَنْ يَغْدُوَ أَحَدُكُمْ إِلَى

---

[1] *Ривояти Байҳақӣ дар "Аш-Шуаб-ул-имон" бо санади ҳасан чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» омада аст.*

[2] *Ривояти Бухорӣ ва Муслим.*

[3] *Ривояти Аҳмад бо санади саҳеҳ ва нигар: "Саҳиҳи сунани Абудовуд".*

الْمَسْجِدِ فَيَتَعَلَّمَ أَوْ يَقْرَأَ آيَتَيْنِ مِنْ كِتَابِ اللَّهِ خَيْرٌ لَهُ مِنْ نَاقَتَيْنِ وَثَلَاثٌ خَيْرٌ مِنْ ثَلَاثٍ وَأَرْبَعٌ خَيْرٌ مِنْ أَرْبَعٍ وَمِنْ أَعْدَادِهِنَّ مِنَ الإِبِلِ».

20.Уқба ибни Омир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «чӣ касе аз шумо дӯст дарад, ки ҳар рӯз субҳ ба Бутҳан ё Ақиқ (номи мавзеест) биравад, ва бидуни ин ки муртакиби гуноҳ ё қатъи иртиботи хешовандӣ шавад? Бидонед, ки агар яке аз шумо ба масҷид биравад ва ду оят аз китоби Худованд биёмӯзад ё тиловат намояд, барояш аз ду шутур беҳтар аст ва се оят аз се шутур, чаҳор оят аз чаҳор шутур ва ҳар теъдоди оят аз ҳамон андоза шутур беҳтар аст».[1]

21– عن البراء بن عازب ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «حَسِّنُوا الْقُرْآنَ بِأَصْوَاتِكُمْ ، فَإِنَّ الصَّوْتَ الْحَسَنَ يَزِيدُ الْقُرْآنَ حُسْناً "وفي لفظ" زَيِّنُوا الْقُرْآنَ بِأَصْوَاتِكُمْ».

21.Барро ибни Озиб-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «бо садоятон ба Қуръон зебоӣ бубахшед зеро садои хуб зебоии Қуръонро афзоиш медиҳад». Ва дар ривояте омадааст, ки фармуд: «Қуръонро бо садоҳоятон музайян намоед *(зиннат бахшед)*».[2]

22– عن جابر ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «إِنَّ مِنْ أَحْسَنِ النَّاسِ بِالقُرآنِ الذي إذَا سَمِعْتَهُ يَقْرَأُ رَأَيْتَ أَنَّهُ يَخْشَى اللَّهَ».

22.Ҷобир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «беҳтарин қории Қуръон касест, ки ҳангоме ки қироаташро мешунавед хашийят ва тарси Илоҳиро низ дар ӯ мушоҳида менамоед».[3]

---

*1 Саҳеҳи Муслим.*

*2 Ривояти Ҳокими Нишопурӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар «Саҳеҳи сунани Абудовуд» ва "Силсилаи саҳиҳа" омадааст.*

*3 Ривояти Ибни Моҷа ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар "Саҳеҳи ат-тарғиб ва ат-тарҳиб" омадааст.*

23– عن ابن عمر ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «إِنَّمَا مَثَلُ صَاحِبِ الْقُرْآنِ كَمَثَلِ صَاحِبِ الإِبِلِ الْمُعَقَّلَةِ إِنْ عَاهَدَ عَلَيْهَا أَمْسَكَهَا وَإِنْ أَطْلَقَهَا ذَهَبَتْ».

23.Ибни Умар-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «мисоли Қории Қуръон монанди соҳиби шутурест, ки зонуи онро баста бошад. Агар аз ӯ нигаҳдорӣ кунад, наздаш мемонад ва агар ӯро раҳо созад меравад».[1]

24– عن عبد الله بن مسعود ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «بِئْسَمَا لأَحَدِكُمْ أَنْ يَقُولَ نَسِيتُ آيَةَ كَذا وَكَذا بَلْ هُوَ يُنسِّيَ فاسْتَذْكِرُوا الْقُرْآنَ، فَإِنَّهُ أَشَدُّ تَفَصِّياً مِنْ صُدُورِ الرِّجَالِ مِنَ النَّعَمِ مِنْ عُقُلِهَا».

24.Абдуллоҳ ибни Масъуд-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «чӣ қадар бад аст барои касе ки мегӯяд: фалон ва фалон оятро фаромӯш кардам, балки фаромӯш гардонида шуданд. Қуръонро зиёд тиловат кунед зеро Қуръон зудтар аз фирор кадани шутур аз синаи мардум мегурезад».[2]

25– عن عُقْبَةَ بْنَ عَامِرٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «تَعَلَّمُوا كِتَابَ اللَّهِ وَتَعَاهَدُوهُ وَتَغَنَّوْا بِهِ فَوَالَّذِى نَفْسِى بِيَدِهِ لَهُوَ أَشَدُّ تَفَلُّتاً مِنَ الْمَخَاضِ فِى الْعُقُلِ».

25.Уқба ибни Омир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «китоби Худованд *(Қуръон)*-ро ёд бигиред ва ҳамеша онро тиловат намоед ва бо овози хуш бихонед. Савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, Қуръон аз бачаи шутури яксолае ки зонуяш баста шудааст зудтар мегурезад».[3]

26– عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَا أَذِنَ اللَّهُ لِشَيْءٍ مَا أَذِنَ لِنَبِيٍّ حَسَنِ الصَّوْتِ بِالْقُرْآنِ يَجْهَرُ بِهِ».

---

[1] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

[2] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

[3] *Ривояти Аҳмад ва ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар "Саҳеҳи ат-тарғиб ва ат-тарҳиб" омадааст.*

26.Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Худованд ба ҳеҷ чизи дигаре ба андозае, ки ба садои паёмбари хушсавте, ки Қуръонро ба овози хуб ва баланд мехонад гӯш надодааст».[1]

27– عَنْ أَبِى مُوسَى الأَشْعَرِىِّ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَثَلُ الْمُؤْمِنِ الَّذِى يَقْرَأُ الْقُرْآنَ كَمَثَلِ الأُتْرُجَّةِ، رِيحُهَا طَيِّبٌ وَطَعْمُهَا طَيِّبٌ، وَمَثَلُ الْمُؤْمِنِ الَّذِى لاَ يَقْرَأُ الْقُرْآنَ كَمَثَلِ التَّمْرَةِ لاَ رِيحَ لَهَا وَطَعْمُهَا حُلْوٌ، وَمَثَلُ الْمُنَافِقِ الَّذِى يَقْرَأُ الْقُرْآنَ مَثَلُ الرَّيْحَانَةِ، رِيحُهَا طَيِّبٌ وَطَعْمُهَا مُرٌّ، وَمَثَلُ الْمُنَافِقِ الَّذِى لاَ يَقْرَأُ الْقُرْآنَ كَمَثَلِ الْحَنْظَلَةِ، لَيْسَ لَهَا رِيحٌ وَطَعْمُهَا مُرٌّ».

27.Абӯмусои Ашъарӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «мӯъмине, ки Қуръонро мехонад ва ба он амал мекунад, монанди утруҷа[2] аст, ки таъми хубе дорад ва ҳам аз бӯи хӯше бархӯрдор аст ва муъминоне, ки Қуръон намехонад вале ба он амал мекунад монанди хурмоест, ки таъмаш ширин аст вале бӯйе надорад. Мисоли мунофиқе ки Қуръонро мехонад, мононади райҳонест, ки бӯяш хуб вале таъмаш талх аст. Мисоли мунофиқе, ки Қуръон намехонад, монанди ҳанзала[3] аст¸ ки ҳам таъмаш талх ва ҳам бӯи талхе дорад».[4]

28– عن تميم الدارمي ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَنْ قَرَأَ مِائَةَ آيَةٍ فِى لَيْلَةٍ كُتِبَ لَهُ قُنُوتُ لَيْلَةٍ "وفي لفظ"كُتِبَ مِنَ الْقَانِتِينَ».

28.Тамими Дорӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар касе шабона 100-оят бихонад барояш ибодати як шаб навишта мешавад». Ва дар

---

[1] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

[2] *Утруҷа- лимони ширин (Citrus medica).*

[3] *Ҳанзала- харбузаи сагаг, талхаккаду, кабаст, ҳиндувонаи Абӯҷаҳл, пажанд, шаранг (Cirullus colocynthus).*

[4] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

як лафз омадааст, ки фармуд: «Ҷузви ибодаткунандагон навишта мешавад».[1]

29– عَنْ عَبد الله بن عمر ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «لاَيَفْقَهُ مَنْقَرَأَ الْقُرْآنَ فِى أَقَلَّ مِنْ ثَلاَثٍ».

29.Абдуллоҳ ибни Умар-разияллоҳу анҳума-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас Қуръонро дар камтар аз се рӯз бихонад, онро намефаҳмад».[2]

30– عَنْ أَبِى هُرَيْرَةَ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَنْ لَمْيَتَغَنَّ بِالْقُرْآنِفَلَيْسَ مِنَّا».

30.Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар касе Қуръонро бо садои хуб нахонад аз мо нест».[3]

31– عَنْ جُنْدُبٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «اقْرَءُوا الْقُرْآنَ مَا ائْتَلَفَتْ عَلَيْهِقُلُوبُكُمْ فَإِذَا اخْتَلَفْتُمْ فِيهِفَقُومُوا».

31.Ҷундуб-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръон бихонед то замоне, ки дилҳои шумо бар он иттифоқ доранд ва ҳар гоҳ дар он ихтилоф намудед биравед».[4] *(Яъне то замоне ки ҳузури қалб доред, Қуръон тиловат намоед, аммо ҳангоме ки ҳузури қалб надоред ва фикратон пароканда гардид хонданро тарк кунед).*

32– عَنْ عَبد الله بن عمرو ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «لا تُجادِلوا في القرآن فإنَّ جدالاً فيه كفرٌ».

32.Абдуллоҳ ибни Амр мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «дар бораи Қуръон бо якдигар низоъ

---

[1] *Саҳеҳи Ибни Хузайма ва Ҳоким, ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар "Саҳеҳи ат-тарғиб ва ат-тарҳиб" омадааст.*

[2] *Ривояти Абӯдовуд ва Тирмизӣ ва Ибни Моҷа ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар "Саҳеҳи сунани Абӯдовуд" омадааст.*

[3] *Саҳеҳи Бухорӣ.*

[4] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

ва ихтилоф накунед зеро низоъ ва ихтилоф дар мавриди Қуръон инсонро ба куфр мекашад».[1]

33– عَنْ عَبد الله بن عمرو ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «إِنَّمَا هَلَكَ مَنْ كَانَ قَبْلَكُمْ بِهَذَا ضَرَبُوا كِتَابَ اللَّهِ بَعْضَهُ بِبَعْضٍ، فَمَا وَجَدْتُمْ فِيهِ مِنْ حَلالٍ فَأَحِلُّوهُ، وَمَا وَجَدْتُمْ فِيهِ مِنْ حَرَامٍ فَحَرِّمُوهُ، وَمَا كَانَ مِنْ مُتَشَابِهٍ فَآمِنُوا بِهِ».

33.Абдуллоҳ ибни Амр мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «умматҳои гузашта замоне ҳалок шуданд, ки дар чунин вазъияте афтоданд ки бахше аз китоби Худовандро дар баробари бахши дигари он қарор медоданд, он чӣ ки ҳалол аст, ҳалол бидонед ва он чӣ ки ҳаром аст, ҳаром бидонед ва он чӣ ки муташаббеҳ аст ба он имон биёваред».[2]

34– عن جابرٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «اقْرَءُوا الْقُرْآنَ وَابْتَغُوا بِهِ اللَّهَ عَزَّ وَجَلَّ مِنْ قَبْلِ أَنْ يَأْتِيَ قَوْمٌ يُقِيمُونَهُ إِقَامَةَ الْقِدْحِ يَتَعَجَّلُونَهُ وَلاَ يَتَأَجَّلُونَهُ». وفي رواية: «يَقرَؤُونَ الْقُرْآنَ فَيَسأَلُونَ بِهِ النَّاسَ».

34.Ҷобир-разияллоҳу анҳу- мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръон бихонед ва бо хондани Қуръон ба дунболи хушнудии Худованди Мутаъол бошед аз он ки гурӯҳе биёяд, ки дар хондани Қуръон монанди рост кардани тир диққат мекунанд ва ҳадафашон аз хондани Қуръон расидан ба мунофеъи дунявист на ухравӣ». Ва дар ривояте омадааст, ки «Қуръон мехонанд ва ба восилаи он аз мардум (моли дунё) талаб мекунанд».[3]

---

[1] *Ривояти Таёлисӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» омадааст.*

[2] *Ривояти Табаронӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» омадааст.*

[33] *Ривояти Аҳмад ва Абӯдовуд ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар "Саҳиҳи Абӯдовуд" ва «Силсилаи саҳиҳа» амадааст.*

35– عَنْ عَبْدُ الرَّحْمَنِ بْنُ شِبْلٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «اقْرَءُوا الْقُرْآنَ وَاعْملوا بِهِ وَلاَ تَجْفُوا عَنْهُ وَلاَ تَغْلُوا فِيهِ وَلاَ تَأْكُلُوا بِهِ وَلاَ تَسْتَكْثِرُوا بِهِ»

35.Абдурраҳмон ибни Шибл-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръон бихонед ва ба он амал кунед ва аз он фосила нагиред ва дар он (бо таъамуқи беш аз ҳад) ифрот накунед ва бо Қуръон махуред (онро василае барои имрори маош) ва онро василае барои фузуни талабии дунявӣ қарор надиҳед».[1]

36– عن ابي الدرداء ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَنْ أَخَذَ عَلَى تَعْلِيمِ القُرآنِ قَوساً قَلَّدَهُ اللهُ مَكَانَهَا قَوساً مِنْ نَارِ جَهَنَّمَ يَومَ الْقِيَامَةِ».

36.Абӯдарро-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар касе дар баробари омӯзиши Қуръон камоне дарёфт кунад рӯзи қиёмат Худованд ба ҷои он камони оташин ба гарданаш овезон менамояд».[2]

*Тавзеҳ: ҳадиси фавқро баъзе аз уламо заиф донистаанд ва бархе дигар онро мансух дониста ё таъвил кардаанд. Чаро ки ҷумҳури уламо ва муҳаддисин гирифтани муздро дар баробари омӯзиши Қуръон, бо тавaҷҷӯҳ ба ҳадиси баъдӣ ва аҳодиси дигар, ҷоиз медонанд. Худованд донотар аст. Тарҷумон.*

37– عَنْ ابْنِ عَبَّاسٍ ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «إِنَّ أَحَقَّ مَا أَخَذْتُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا كِتَابُ اللَّهِ».

37.Ибни Аббос-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «шоистатарин чизе, ки дар баробари он музд дарёфт менамоед китоби Худост».[3]

---

[1] *Ривояти Аҳмад бо санади саҳеҳ чунончи дар "Силсилаи саҳеҳа" омадааст.*

[2] *Ривояти Байҳақӣ бо санади саҳеҳ чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» омадааст.*

[3] *Саҳеҳи Бухорӣ.*

38– عن أبي هريرة ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَا اجْتَمَعَ قَوْمٌ فِي بَيْتٍ مِنْ بُيُوتِ اللَّهِ تَعَالَى يَتْلُونَ كِتَابَ اللَّهِ وَيَتَدَارَسُونَهُ بَيْنَهُمْ إِلاَّ نَزَلَتْ عَلَيْهِمُ السَّكِينَةُ وَغَشِيَتْهُمُ الرَّحْمَةُ وَحَفَّتْهُمُ الْمَلاَئِكَةُ وَذَكَرَهُمُ اللَّهُ فِيمَنْ عِنْدَهُ».

38.Абуҳуҳрайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар гоҳ гурӯҳе аз мардум дар яке аз хонаҳои Худованд *(масҷид)* ҷамъ шавад ва китоби Илоҳиро тиловат кунанд ва онро барои якдигар бихонанд оромиш бар онон нозил мешавад ва фариштагон онҳоро иҳота мекунанд ва Худованд ононро назди фариштагон ёд менамояд».[1]

39– عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ ﷺ قَالَ: قال رسول الله ﷺ: «يَجِيءُ الْقُرْآنُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ فَيَقُولُ: يَا رَبِّ حَلِّهِ فَيُلْبَسُ تَاجَ الْكَرَامَةِ ثُمَّ يَقُولُ: يَا رَبِّ زِدْهُ فَيُلْبَسُ حُلَّةَ الْكَرَامَةِ ثُمَّ يَقُولُ: يَا رَبِّ ارْضَ عَنْهُ فَيَرْضَى عَنْهُ فَيُقَالُ لَهُ: اقْرَأْ وَارْتَقِ وَتُزَادُ بِكُلِّ آيَةٍ حَسَنَةً».

39.Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «рӯзи қиёмат соҳиби Қуръон меояд, дар ин ҳангом Қуръон мегӯяд: Парвардигоро! Ӯро музайян гардон, пас, тоҷи шарофат бар сараш мегузоранд. Сипас Қуръон мегӯяд: Парвадигоро! Бештар аз ин музаянаш гардон, пас, либоси шарофат бар танаш мекунанд. Онгоҳ Қуръон мегӯяд: Парвардигоро аз ӯ розӣ ва хушнӯд бош. Пас ба ӯ гуфта мешавад: бихон ва (дар дараҷоти биҳишт) боло бирав ва бо ҳар оят як некӣ ба некиҳояш афзуда мешавад».[2]

40– عن عبد الله بن عمرو ب قَالَ: قال رسول الله ﷺ: «الصِّيَامُ وَالْقُرْآنُ يَشْفَعَانِ لِلْعَبْدِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ يَقُولُ الصِّيَامُ: رَبِّ إِنِّي مَنَعْتُهُ الطَّعَامَ وَالشَّرابَ بِالنَّهَارِ فَشَفِّعْنِى فِيهِ. وَيَقُولُ الْقُرْآنُ: رَبِّ مَنَعْتُهُ النَّوْمَ بِاللَّيْلِ فَشَفِّعْنِى فِيهِ فَيُشَفَّعَانِ».

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Ривояти Тирмизӣ, Ибни Ҳузайма ва Ҳокими Нишопурӣ бо санади саҳеҳ чунончи дар "Саҳеҳи ат-тарғиб ва ат-тарҳиб" омадааст.*

40.Абдуллоҳ ибни Амр-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «рӯза ва Қуръон барои банда шафоат мекунад; Рӯза мегӯяд: Парвардигоро! Ман ӯро рӯзҳо аз хӯрдан ва нӯшидан пешгирӣ кардам, пас, шафоатамро дар бораи ӯ қбул кун. Қуръон мегӯяд: Парвардигоро! Ман ӯро шабҳо барои хобидан нагузоштам, пас, шафоатамро дар мавриди ӯ қабул кун. Инҷост, ки шафоати онҳо пазируфта мешавад».[1]

41– عَن أبي هريرة ﷺ قَالَ: قالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «مَنْ قَرَأَ عَشْرَ آيَاتٍ فِي لَيْلَةٍ لَمْ يُكْتَبْ مِنَ الْغَافِلِينَ».

41.Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас дар шаб даҳ оят бихонад, ҷузви ғофилон навишта намешавад».[2]

42– عَنْ بريدة ﷺ قَالَ: قالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «مَن قرأ القرآن وتعلمه وعَمِلَ بِهِ ألبس والداه يوم القيامة تاجًا من نور ضوؤه مثل ضوء القمر ويكسى والداه حلتان لا تقوم لهما الدنيا فيقولان: بما كسينا هذا؟ فيقالُ: بأخذ ولدكما القرآن».

42.Бурайда-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас Қуръон бихонад ва ёд бигирад ва ба он амал намояд, рӯзи қиёмат бар сари падар ва модараш тоҷе аз нур мегузоранд, ки нуре монанди нури хуршед дорад. Ҳамчунин ду либос ба онон мепӯшонанд, ки аз ҳама чизи дунё арзиши бештаре дорад. Онон мегӯянд: Ба сабаби чӣ амале ин либосҳоро ба тани мо намуданд? Ҷавоб медиҳанд: Ба сабаби ин ки фарзанди шумо Қуръонро фаро гирифтааст».[3]

---

[1] *Ривояти Аҳмад, Табаронӣ ва Ҳокими Нишопурӣ бо санади саҳеҳ чунончи дар "Саҳеҳи ат-тарғиб ва ат-тарҳиб" амадааст.*

[2] *Ривояти Ҳоким ва бо ривояти дигаре тақвият мешавад чунончи дар "Саҳеҳи ат-тарғиб ва ат-тарҳиб" омадааст.*

[3] *Ривояти Ҳокими Нишопурӣ ва нигар: "Силсилаи саҳиҳа".*

43– عَنِ ابْنِ عُمَرَ ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «لاَ تُسَافِرُوا بِالْقُرْآنِ فَإِنِّى لاَ آمَنُ أَنْ يَنَالَهُ الْعَدُوُّ».

43.Ибни Умар-разияллоҳу анҳума-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръонро дар сафарҳо ҳамроҳи худ набаред, зеро метарсам, ки ба дасти душман бияфтад».[1] (Қобили ёдоварист, ки ин манъ, марбут ба замонест, ки тарси беҳурматӣ кардан нисбат ба Қуръон бошад. Дар ғайри ин сурат боке надорад. Валоҳу аълам).

44– عن عمر ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «أُنْزِلَ الْقُرْآنُ عَلَى سَبْعَةِ أَحْرُفٍ فَاقْرَءُوا مَا تَيَسَّرَ مِنْهُ».

44.Умар-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳамоно ин Қуръон ба ҳафт ваҷҳ нозил шудааст. Пас, ба ҳар қироате, ки барои шумо осонтар аст бихонед».[2]

45– عَن عياض بن حمارٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ عَنْ رَبِّهِ سُبْحانَهُ وَتَعَالَى: «إِنَّمَا بَعَثْتُكَ لأَبْتَلِيَكَ وَأَبْتَلِىَ بِكَ وَأَنْزَلْتُ عَلَيْكَ كِتَابًا لاَ يَغْسِلُهُ الْمَاءُ تَقْرَؤُهُ نَائِمًا وَيَقْظَانَ».

45.Аёз ибни Ҳаммор-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- ба ривоят аз Парвардигори пок ва баланд мартабааш фармуд: «туро мабъус намудам то ҳам туро озмоиш кунам ва ҳам ба василаи ту дигаронро дар вартаи озмоиш қарор диҳам ва китобе бар ту нозил намудам, ки об онро намешӯяд. (Бо гузашти замон аз байн намеравад, балки дар синаҳо маҳфуз аст) ва дар ҳолати хоб ва бедорӣ онро тиловат намоӣ» (Чӣ хоб бошӣ ва бедор, ин китоб ҳифз мешавад).[3]

[1] Саҳеҳи Муслим.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.

[3] Саҳеҳи Муслим.

46– عن أبي سعيد الخدري ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «لَوْ كَانَتْ سُورَةً وَاحِدَةً لَكَفَتِ النَّاسَ».

46.Абӯсаъиди Худрӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «агар як сура хонда шавад, ҳама мардумро кифоят менамояд».[1]

47– عن ابن عباس ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَنْ قرأ القرآن لم يرد إلى أرذل العمر، وذلك قوله عز وجل ﴿ثُمَّ رَدَدۡنَٰهُ أَسۡفَلَ سَٰفِلِينَ ۝ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ... ﴾ [تين: 5– 6].

قال: إلا الذين قرءوا القرآن».

47.Ибни Аббос-разияллоҳу анҳума-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Ҳар касе Қуръон тиловат намояд ба куҳансолие, ки ҳамроҳ бо зиллат бошад мубтало намешавад. Ва ин тафсири ин сухани Худованд аст ки мефармояд: «сипас инсонро ба маҳоли пасти зиндагӣ баргардонидем магар касоне ки имон овардаанд...” [Сураи “Тин”5-6] ки дар ин ҷо имон овардан ба маънои қироати Қуръон мебошад».[2]

48– عن ابن مسعود ﷺ قَالَ: «إن أصفر البيوت بيت ليس فيه شيء من كتاب الله».

48.Ибни Масъуд-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «холитарин хона хонаест, ки дар он ҳеҷ чиз аз китоби Илоҳӣ (Қуръон) вуҷуд надошта бошад».[3]

---

[1] *Ривояти Аҳмад ва Адӯдовуд бо санади саҳеҳ чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» амадааст, қобили ёдоварист ки ин ҷумла дар сиёқи як достон омадааст.*

[2] *Ривояти Ҳокими Нишопурӣ ва ин асар дар “Саҳеҳи ат-тарғиб ва ат-тарҳиб” бо сурати мавқуф омадааст.*

[3] *Ривояти Ҳокими Нишопурӣ ва ин асар низ дар “Саҳеҳи ат-тарғиб ва ат-тарҳиб” ворид шудааст. Ин ду асар ба сурати мавқуф аз қавли Ибни Аббос*

# БОБИ II
# ОН ЧӢ КИ АЗ РАСУЛУЛЛОҲ -САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВАСАЛЛАМ- ДАР ФАЗОИЛИ СУРАҲО ВА ОЯТҲОИ ҚУРЪОНИ КАРИМ БА ТАРТИБИ МУСҲАФ БА СИҲАТ РАСИДААСТ

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ФОТИҲА

1– عَنْ أَبِى سَعِيدِ بْنِ الْمُعَلَّى قَالَ: كُنْتُ أُصَلِّى فِى الْمَسْجِدِ فَدَعَانِى رَسُولُ اللَّهِ ﷺ فَلَمْ أُجِبْهُ، فَقُلْتُ: يَا رَسُولَ اللَّهِ إِنِّى كُنْتُ أُصَلِّى. فَقَالَ: «أَلَمْ يَقُلِ اللَّهُ ﴿ٱسْتَجِيبُواْ لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمْ لِمَا يُحْيِيكُمْ﴾؟ [انفال: 24]. ثُمَّ قَالَ لِى: «لأُعَلِّمَنَّكَ سُورَةً هِىَ أَعْظَمُ السُّوَرِ فِى الْقُرْآنِ قَبْلَ أَنْ تَخْرُجَ مِنَ الْمَسْجِدِ» ثُمَّ أَخَذَ بِيَدِى، فَلَمَّا أَرَادَ أَنْ يَخْرُجَ قُلْتُ لَهُ: أَلَمْ تَقُلْ «لأُعَلِّمَنَّكَ سُورَةً هِىَ أَعْظَمُ سُورَةٍ فِى الْقُرْآنِ» قَالَ: «(الْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ) هِىَ السَّبْعُ الْمَثَانِى وَالْقُرْآنُ الْعَظِيمُ الَّذِى أُوتِيتُهُ»

1.Абӯсаъид ибни Муъалла мегӯяд: дар масҷиди набавӣ намоз мехондам, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- маро садо зад. Ҷавоб надодам, сипас гуфтам: эй Расули Худованд! Ман машғули намоз хондан будам. Он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- гуфт: «магар Худованд нафармудааст: «Фармони Худоро бипазиред ва Расулашро иҷобат кунед ҳангоме, ки шуморо барои амри ҳаётӣ фаро хонд». Онгоҳ ба ман фармуд: «Қабл аз ин ки аз масҷид хориҷ шавӣ сураеро ки бузургтарин сураҳои Қуръон аст ба ту меомӯзам». Сипас, дастамро гирифт ва ҳангоме ки хост аз масҷид биравад ба ӯ гуфтам: магар ба ман нагуфтӣ сураеро, ки

---

*ва ибни Масъуд -разияллоҳу анҳум- ба субут расидааст. Ин бобро ба ин ду асар ба поён расонидем, зеро инҳо ҳукми ҳадиси марфуъро доранд. (Ин ҷумлаи охири муаллиф қобили нақл ва баррасист).*

бузургтарин сураи Қуръон аст ба ту меомӯзам? Фармуд: «он сураи “Ҳамд” аст, ки дорои 7-оят мебошад ва дар ҳар ракъати намоз такрор мешавад, он ҳамон Қуръони бузургест, ки ба ман иноят шудааст».[1]

2– عن أبي بن كعب ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «وَالَّذِى نَفْسِى بِيَدِهِ مَا أَنْزَلَ اللَّهُ فِى التَّوْرَاةِ وَلاَ فِى الإِنْجِيلِ مِثْلَ أُمِّ الْقُرْآنِ وإنها السَّبْعُ الْمَثَانِى وَالْقُرْآنُ الْعَظِيمُ الَّذِى أُعْطِيتُه "وفي لفظ" وَلاَ فِى الزَّبُورِ وَلاَ فِى الْفُرْقَانِ».

2.Убай ибни Каъб-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, Худованди Мутаъол на дар Таврот ва на дар Инҷил монанди “уммул-Қуръон” *( Сураи “Фотиҳа”)* нозил нафармудааст. Ин сура дорои 7-оят мебошад, ки дар ҳар ракъати намоз такрор мешавад ва ҳамоно Қуръони бузургест, ки ба ман иноят шудааст». Ва дар ривояте омадааст, ки: «Дар Таврот, Инҷил, Забур ва Фурқон *(Қуръон)* монанди он нозил нашудааст».[2]

3– عن أنس ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: أَفْضَلُ الْقُرْآنِ (الحمد لله رب العلمين..)».

3.Анас-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «беҳтарин сураи Қуръон “Фотиҳа” аст»[3]. *(Яъне аҷр ва савоби хондани сураи фотиҳа аз соири సураҳо бештар аст).*

4– عَنِ ابْنِ عَبَّاسٍ ب قَالَ بَيْنَمَا جِبْرِيلُ قَاعِدٌ عِنْدَ النَّبِىِّ ﷺ سَمِعَ نَقِيضًا (صَوتًا) مِنْ فَوْقِهِ فَرَفَعَ رَأْسَهُ فَقَالَ: «هَذَا بَابٌ مِنَ السَّمَاءِ فُتِحَ الْيَوْمَ لَمْ يُفْتَحْ قَطُّ إِلاَّ الْيَوْمَ فَنَزَلَ مِنْهُ مَلَكٌ فَقَالَ: هَذَا مَلَكٌ نَزَلَ إِلَى الأَرْضِ لَمْ يَنْزِلْ قَطُّ إِلاَّ الْيَوْمَ فَسَلَّمَ وَقَالَ: أَبْشِرْ بِنُورَيْنِ

---

[1] *Саҳеҳи Бухорӣ.*

[2] *Ривояти Тирмизӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар “Саҳиҳи тарғиб ва тарҳиб” омадааст.*

[3] *Ривояти Ҳокими Нишопурӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» омадааст.*

أُوتِيتَهُمَا لَمْ يُؤْتَهُمَا نَبِيٌّ قَبْلَكَ فَاتِحَةُ الْكِتَابِ وَخَوَاتِيمُ سُورَةِ الْبَقَرَةِ لَنْ تَقْرَأَ بِحَرْفٍ مِنْهُمَا إِلاَّ أُعْطِيتَهُ».

4.Ибни Аббос-разияллоҳу анҳума-мегӯяд: рӯзе Ҷабраил-алайҳиссалом- назди Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- нишаста буд, ки аз болои сараш садое шунид, пас, сарашро баланд кард ва гуфт: «ин дарвозаест, ки имрӯз аз осмон боз шудааст ва ба ҷуз имрӯз ҳаргиз боз нашудааст». Он гоҳ аз он дарвоза фариштае поён омад ва Ҷабраил гуфт: «ин фариштаест, ки ба замин омадааст ва ҷуз имрӯз ҳаргиз ба замин наёмадааст». Сипас он фаришта салом кард ва гуфт: «туро ба ду нур мужда медиҳам, ки ба ту иноят шудаанд, ба ҳеҷ паёмбаре қабл аз ту иноят нашудааст. Онҳо сураи “Фотиҳа” ва оёти сураи поёни “Бақара” ҳастанд ҳар қисмате аз онҳоро бихонӣ саволат иҷобат мешавад».[1] *(Ҳадаф аз оёти сураи поёни “Бақара” аз “оманаррасул” то поёни сура мебошад).*

5– عَنْ أَبِى سَعِيدٍ الْخُدْرِىِّ قَالَ: كُنَّا فِى مَسِيرٍ لَنَا فَنَزَلْنَا فَجَاءَتْ جَارِيَةٌ فَقَالَتْ: إِنَّ سَيِّدَ الْحَيِّ سَلِيمٌ، وَإِنَّ نَفَرَنَا غُيَّبٌ فَهَلْ مِنْكُمْ رَاقٍ؟ فَقَامَ مَعَهَا رَجُلٌ مَا كُنَّا نَأْبُنُهُ بِرُقْيَةٍ فَرَقَاهُ فَبَرَأَ فَأَمَرَ لَهُ بِثَلاَثِينَ شَاةً وَسَقَانَا لَبَنًا فَلَمَّا رَجَعَ قُلْنَا لَهُ أَكُنْتَ تُحْسِنُ رُقْيَةً أَوْ كُنْتَ تَرْقِى قَالَ: لاَ مَا رَقَيْتُ إِلاَّ بِأُمِّ الْكِتَابِ. قُلْنَا: لاَ تُحْدِثُوا شَيْئًا حَتَّى نَأْتِيَ – أَوْ نَسْأَلَ – النَّبِيَّ ﷺ فَلَمَّا قَدِمْنَا الْمَدِينَةَ ذَكَرْنَاهُ لِلنَّبِيِّ ﷺ فَقَالَ: «وَمَا كَانَ يُدْرِيهِ أَنَّهَا رُقْيَةٌ اقْسِمُوا وَاضْرِبُوا لِى بِسَهْمٍ».

5.Абӯсаъиди Худрӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: мо дар сафар ба сар мебурдем, пас, ҷойеро манзил гирифтем. Духтарбачае омад ва гуфт: сардори тоифаро ақраб *(каждум)*-е газидааст ва касе дар ободии мо вуҷуд надорад. Оё дар миёни шумо касе вуҷуд дорад, ки дам кунад *(руқя бихонад)*? Марде бархост ва бо ӯ ба роҳ афтод, ки мо гумон намекардем руқя (дам) бидонад. Ба

[1] *Саҳеҳи Муслим*

ҳар ҳол вайро дам намуд ва ӯ беҳбудӣ ёфт. Он гоҳ дастур дод то ба ӯ сӣ гусфанд бидиҳанд. Ҳамчунин ба мо шир нӯшонад. Ҳангоме, ки баргашт ба ӯ гӯфтем. Оё дам карданро хуб медонистӣ ва дар гузашта ҳам дам менамудаӣ? Гуфт: на, фақат бо “Фотиҳа” дам кардам. Ба ӯ гуфтам то замоне, ки ба Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- нарафтем ё аз эшон напурсидаем, ҳеҷ иқдоме накунед *(дар гӯсфанд тасарруф накунед)*. Ба ҳар ҳол ҳангоме, ки ба Мадина омадем моҷароро ба Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- бозгӯ намудем. Он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «аз куҷо донистӣ, ки бо сураи “Фотиҳа” дам мекунанд? Онҳоро миёни худ тақсим кунед ва барои ман низ саҳме дар назар бигиред»[1].

6– عن أبي هريرة ﷺ قَالَ: سَمِعْتُ رَسُولَ اللَّهِ ﷺ يَقُولُ: «قَالَ اللَّهُ تَعَالَى: قَسَمْتُ الصَّلَاةَ بَيْنِي وَبَيْنَ عَبْدِي نِصْفَيْنِ وَلِعَبْدِي مَا سَأَلَ –وفي لفظ: فنصفها لي ونصفها لعبدي– فَإِذَا قَالَ الْعَبْدُ: ﴿ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ۝٢﴾. قَالَ اللَّهُ تَعَالَى: حَمِدَنِي عَبْدِي وَإِذَا قَالَ: ﴿ٱلرَّحْمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ۝٣﴾. قَالَ اللَّهُ تَعَالَى: أَثْنَى عَلَيَّ عَبْدِي. وَإِذَا قَالَ: ﴿مَٰلِكِ يَوْمِ ٱلدِّينِ ۝٤﴾. قَالَ: مَجَّدَنِي عَبْدِي أَوْ فَوَّضَ إِلَيَّ عَبْدِي فَإِذَا قَالَ: ﴿إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ ۝٥﴾. قَالَ: هَذَا بَيْنِي وَبَيْنَ عَبْدِي وَلِعَبْدِي مَا سَأَلَ. فَإِذَا قَالَ: ﴿ٱهْدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلْمُسْتَقِيمَ ۝٦ صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ أَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ غَيْرِ ٱلْمَغْضُوبِ عَلَيْهِمْ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ ۝٧﴾. قَالَ: هَذَا لِعَبْدِي وَلِعَبْدِي مَا سَأَلَ».

6.Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: шунидам, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- гуфт: «Худованди Муттаъол фармудааст: ман намозро миёни худам ва бандаам ба

[1] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

ду ним тақсим намудаам ва ба дархости бандаам посухи мусбат медиҳам, пас, ҳангоме банда “Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин” бигӯяд: Худованд мегӯяд: Бандаам маро ситоиш кард. Вақте ки банда “Арраҳмани-р-раҳим” бигӯяд, Худованд мегӯяд бандаам маро сано гуфт. Ҳангоме ки банда “Малики явмиддин” бигӯяд: Худованд мегӯяд: бандаам азамати маро баён кард ва ё ин ки мегӯяд: бандаам ихтиёрашро ба ман супурд. Ва ҳангоме, ки банда “Ийяка наъбуду ва ийяка настаъин” бигӯяд, Худованд мегӯяд: ин (иртибот) миёни ман ва банда аст *(иртиботи убудият ва бандагӣ)* ва бандаам ҳарчӣ бихоҳад ба ӯ медиҳам. Ва вақте ки “Иҳдина-с-сирота-л-мустақим. Сирота-л-лазӣна анъамта ъалайҳим. Ғайрил мағзуби ъалайҳим валаззол-лӣн” бигӯяд: Худованд мегӯяд: ин хостаи бандаамро бароварда намудам ва саволи бандаамро посух додам».[1]

**7– عَنْ وَاثِلَةَ بْنِ الأَسْقَعِ ﷺ قال: قَالَ رسُول الله ﷺ: «أُعْطِيتُ مَكَانَ لِلتَّوْرَاةِ السَّبْعَ وَأُعْطِيتُ مَكَانَ الزَّبُورِ الْمِئِينَ وَأُعْطِيتُ مَكَانَ الإِنْجِيلِ الْمَثَانِيَ وَفُضِّلْتُ بِالْمُفَصَّلِ».**

7.Восила ибни Асқаъ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ба ҷои Таврот ҳафт сура *(аз бақара то сураи тавба)* ба ман иноят шудааст ва ба ҷои Забур садтоиҳо *(сураҳое, ки ояти онҳо андаке бештаре аз 100 аст)* ба ман иноят шудааст ва ба ҷои Инҷил масонӣ *(сураҳое ки ояти андаке камтар аз 100 аст)* ба ман иноят шудааст ва бартари ман дар сураҳои муфасал аст, ки ба ман иноят шудаанд *(Аз сураи Ҳуҷурот то поёни Қуръони маҷид валлоҳу аълам)*».[2]

**8– عن عبادة بن الصامت ﷺ قَالَ: قَالَ رسُول الله ﷺ: «لا صَلاةَ لِمَن لا يَقرأُ بِفاتحةِ الكتابِ "وفي رواية" لا تجزئ صلاة».**

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Ривояти Табаронӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар “Саҳиҳи тарғиб ва тарҳиб” омадааст.*

8.Аз Ибода ибни Сомит-разияллоҳу анҳу-ривоят аст, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «намози ҳеҷ кас бидуни хондани сураи “Фотиҳа” саҳеҳ нест». Ва дар ривояте омадааст, ки фармуд: «кофӣ нест».[1]

**9- عن أبي هريرة ﷺ قَالَ: قَالَ رسُول الله ﷺ: «مَنْ صَلَّى صَلاَةً لَمْ يَقْرَأْ فِيهَا بِفاتحة الكتاب فَهِىَ خِدَاجٌ هِىَ خِدَاجٌ هِىَ خِدَاجٌ غَيْرُ تَمَامٍ».**

9.Аз Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-ривоят аст, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас намозе бидуни сураи “Фотиҳа бихонад намозаш нақис аст, намозаш нақис аст, намозаш нақис аст ва комил нест».[2]

**10- عن أبي هريرة ﷺ قَالَ: قَالَ رسُول الله ﷺ: «إِذَا قَالَ الإِمَامُ: ﴿غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ عَلَيۡهِمۡ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ﴾ فَقُولُوا: آمِينَ. فَمَنْ وَافَقَ قَوْلُهُ قَوْلَ الْمَلاَئِكَةِ غُفِرَ لَهُ مَا تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ»**

10.Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар гоҳ имом “Ғайрил мағзуби ълайҳим валаззоллӣн” гуфт, омин бигӯйед, зеро омин гуфтани ҳар кас бо омин гуфтани фариштагон дар осмон ҳамзамон бошад, гуноҳони гузаштааш мағфират машаванд».[3]

## ФАЗОИЛИ СУРАИ БАҚАРА

**1- عن أبي هريرة ﷺ قَالَ: قَالَ رسُول الله ﷺ: «لاَ تَجْعَلُوا بُيُوتَكُمْ مَقَابِرَ إِنَّ الشَّيْطَانَ يَنْفِرُ مِنَ الْبَيْتِ الَّذِى تُقْرَأُ فِيهِ سُورَةُ الْبَقَرَةِ».**

1.Аз Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-ривоят аст, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «хонаҳятонро табдил ба

---

[1] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

[2] *Саҳеҳи Муслим.*

[3] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

қабристон накунед. Ҳамоно шайтон аз хонае, ки сураи “Бақара” хонда мешаванд, фирор мекунад».[1]

**2– عَنْ أُسَيْدِ بْنِ حُضَيْرٍ ﷺ قَالَ بَيْنَمَا هُوَ يَقْرَأُ مِنَ اللَّيْلِ سُورَةَ الْبَقَرَةِ وَفَرَسُهُ مَرْبُوطٌ عِنْدَهُ إِذْ جَالَتِ الْفَرَسُ فَسَكَتَ فَسَكَتَتْ فَقَرَأَ فَجَالَتِ الْفَرَسُ، فَسَكَتَ وَسَكَتَتِ الْفَرَسُ ثُمَّ قَرَأَ فَجَالَتِ الْفَرَسُ، فَانْصَرَفَ وَكَانَ ابْنُهُ يَحْيَى قَرِيبًا مِنْهَا فَلَمَّا اجْتَرَّهُ رَفَعَ رَأْسَهُ إِلَى السَّمَاءِ حَتَّى مَا يَرَاهَا فَلَمَّا أَصْبَحَ حَدَّثَ النَّبِيَّ ﷺ فَقَالَ: «اقْرَأْ يَا ابْنَ حُضَيْرٍ اقْرَأْ يَا ابْنَ حُضَيْرٍ» قَالَ: فَأَشْفَقْتُ يَا رَسُولَ اللَّهِ أَنْ تَطَأَ يَحْيَى وَكَانَ مِنْهَا قَرِيبًا فَرَفَعْتُ رَأْسِى فَانْصَرَفْتُ إِلَيْهِ فَرَفَعْتُ رَأْسِى إِلَى السَّمَاءِ فَإِذَا مِثْلُ الظُّلَّةِ فِيهَا أَمْثَالُ الْمَصَابِيحِ فَخَرَجَتْ حَتَّى لاَ أَرَاهَا. قَالَ «وَتَدْرِى مَا ذَاكَ» قَالَ: لاَ. قَالَ: «تِلْكَ الْمَلاَئِكَةُ دَنَتْ لِصَوْتِكَ وَلَوْ قَرَأْتَ لأَصْبَحَتْ يَنْظُرُ النَّاسُ إِلَيْهَا لاَ تَتَوَارَى مِنْهُمْ».**

2.Аз Усайд ибни Ҳузайр-разияллоҳу анҳу-ривоят аст, ки ӯ дар яке аз шабҳо дар ҳоле ки асбаш дар наздикии ӯ баста шуда буд, сураи “Бақара”-ро тиловат мекард. Ногаҳон асб шурӯъ ба дасту по задан кард. Усайд сукут кард, асб низ ором гирифт. Ӯ ду бора шурӯъ ба хондани Қуръон намуд, асб низ шурӯъ ба дасту по задан кард. Саранҷом аз хондани Қуръон мунсариф шуд, зеро фарзандаш Яҳё наздики асб қарор дошт. Пас, ҳангоме, ки фарзандашро аз он ҷо дур сохт сарашро ба сӯи осмон баланд кард то асбро набинад. Субҳи рӯзи баъд моҷароро ба Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- бозгӯ намуд. Он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «эй фарзанди Ҳузайр! (чӣ хуб буд) ба тиловат идома медодӣ, (чӣ хуб буд) ба тиловат идома медодӣ». Усайд гӯфт: эй Расули Худо! Яҳё наздики он буд. Тарсидам ки ӯро лағатмол кунад, бадин ҷиҳат сарамро баланд кардам ва ба сӯи фарзандам рафтам. Онгоҳ ба сӯи осмон нигоҳ кардам, чизе шабеҳи соябон дидам, ки ашёе монанди чароғ дар он вуҷуд дошт. Пас берун

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

рафтам то онҳоро набинам. Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Онон фариштагон буданд ба хотири садоят наздик омада буданд ва агар ба қироатат идома медодӣ онҳо то субҳ онҷо мемонданд бидуни ин ки аз назари мардум пинҳон бимонанд».[1]

**3– عَنْ أَبِى هُرَيْرَةَ وسهل بن سعد ب أنَّ النَّبِيَّ ﷺ قَالَ: «لِكُلِّ شَىْءٍ سَنَامٌ وَإِنَّ سَنَامَ الْقُرْآنِ سُورَةُ الْبَقَرَةِ».**

3.Аз Абӯҳурайра ва Саҳл ибни Саъд ривоят аст, ки Паёмбари Худо -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар чиз қуллае дорад, ҳамоно қуллаи Қуръони Карим сураи “Бақара” мебошад».[2]

**4– عن أَبي أُمَامَةَ الْبَاهِلِىُّ قَالَ: سَمِعْتُ رَسُولَ اللَّهِ ﷺ يَقُولُ: «اقْرَءُوا الْقُرْآنَ فَإِنَّهُ يَأْتِى يَوْمَ الْقِيَامَةِ شَفِيعًا لأَصْحَابِهِ اقْرَءُوا الزَّهْرَاوَيْنِ الْبَقَرَةَ وَسُورَةَ آلِ عِمْرَانَ فَإِنَّهُمَا تَأْتِيَانِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ كَأَنَّهُمَا غَمَامَتَانِ أَوْ كَأَنَّهُمَا غَيَايَتَانِ أَوْ كَأَنَّهُمَا فِرْقَانِ مِنْ طَيْرٍ صَوَافَّ تُحَاجَّانِ عَنْ أَصْحَابِهِمَا اقْرَءُوا سُورَةَ الْبَقَرَةِ فَإِنَّ أَخْذَهَا بَرَكَةٌ وَتَرْكَهَا حَسْرَةٌ وَلاَ تَسْتَطِيعُهَا الْبَطَلَةُ» (قَالَ مُعَاوِيَةُ: بَلَغَنِى أَنَّ الْبَطَلَةَ السَّحَرَةُ).**

4.Абуумомаи Боҳилӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: шунидам, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръон бихонед зеро Қуръон рӯзи қиёмат ба барои соҳибонаш шафоат мекунад. Ду сураи нуронии “Бақара” ва “Оли Имрон”-ро бихонед зеро он ду рӯзи қиёмат ба шакли ду абр ё ду соябон ё ду гурӯҳи парранда, ки бол кушодаанд меоянд ва аз соҳибонашон дифоъ мекунанд. Сураи “Бақара”-ро бихонед, зеро ёд гирифтани он баракат аст ва тарк кардани он боиси ҳасрат мешавад ва соҳирон тобу таҳаммули онро надоранд».[3]

---

[1] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

[2] *Ривояти Тирмизӣ ва ин ривоят “ҳасан лиғайриҳи” аст чунончи дар “Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб” омадааст.*

[3] *Саҳеҳи Муслим.*

**5– عن للنَّوَّاسِ بْنَ سَمْعَانَ قَالَ: قَالَ رسُول الله ﷺ: «يُؤْتَى بِالْقُرْآنِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَأَهْلِهِ الَّذِينَ كَانُوا يَعْمَلُونَ بِهِ تَقْدُمُهُ سُورَةُ للْبَقَرَةِ وَآلُ عِمْرَانَ». وَضَرَبَ لَهُمَا رَسُولُ اللَّهِ ﷺ ثَلاَثَةَ أَمْثَالٍ مَا نَسِيتُهُنَّ بَعْدُ قَالَ: «كَأَنَّهُمَا غَمَامَتَانِ أَوْ ظُلَّتَانِ سَوْدَاوَانِ بَيْنَهُمَا شَرْقٌ أَوْ كَأَنَّهُمَا حِزْقَانِ مِنْ طَيْرٍ صَوَافَّ تُحَاجَّانِ عَنْ صَاحِبِهِمَا».**

5.Аз Наввос ибни Самъон ривоят аст, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фамуд: «рӯзи қиёмат Қуръон ва аҳли Қуръон *(ҳамон касоне, ки дар дунё ба он амал мекарданд)*-ро мераванд дар ҳоле, ки пешопеши Қуръон сураҳои “Бақара” ва “Оли Имрон” қарор доранд». Ровӣ мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- сураҳои “Бақара” ва “Оли Имрон”-ро ба се чиз нисбат намуд ки ман онҳоро то кунун фаромӯш накардаам: он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фамуд: «онҳо монанди ду абр ё ду соябони сиёҳ ҳастанд ки миёни онҳо нур вуҷуд дорад ё монанди ду гӯруҳи парранда ҳастанд, ки пар кушодаанд ва аз соҳибонашон дифоъ менамоянд».[1]

**6– عن أبي أمامة الباهلي رضي الله عنه قَالَ: قَالَ رسُول الله ﷺ: «اسْمُ اللَّهِ الأَعْظَمُ الَّذِى إِذَا دُعِيَ بِهِ أَجَابَ فِى سُوَرٍ ثَلاَثٍ للْبَقَرَةِ وَآلِ عِمْرَانَ وَطَهَ».**

6.Абуумомаи Боҳилӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «исми аъзами Илоҳӣ, ки ҳар гоҳ бо он фаро хонда шавад иҷобат мекунад, дар се сура: “Бақара”, “Оли Имрон” ва “Тоҳо” вуҷуд дорад».[2]

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Ривояти Ибни Моҷаи Қазвинӣ ва Ҳокими Нишопурӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» омадааст.*

# ФАЗОИЛИ ОЯТ-УЛ-КУРСӢ

1– عَنْ أُبَيِّ بْنِ كَعْبٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «يَا أَبَا الْمُنْذِرِ أَتَدْرِى أَىُّ آيَةٍ مِنْ كِتَابِ اللَّهِ أَعْظَمُ». قَالَ: قُلْتُ: اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَعْلَمُ. فأعَادَ عَلَيْهِ فقُلْتُ: (اللَّهُ لاَ إِلَهَ إِلاَّ هُوَ الْحَىُّ الْقَيُّومُ). قَالَ: فَضَرَبَ فِى صَدْرِى وَقَالَ: «وَاللَّهِ لِيَهْنِكَ الْعِلْمُ أَبَا الْمُنْذِرِ».

1.Убай ибни Каъб-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- хитоб ба ман фармуд: «эй Абулмунзир! Оё медонӣ кадом ояти Қуръони Карим бузургтар аст?». Гуфтам Худо ва Расулаш беҳтар медонанд. Он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- дубора саволашро такрор намуд. Гуфтам «Оятулкурсӣ» аст. Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- ба синаам зад ва гуфт: «эй Абулмунзир илм муборакат бошад».[1]

2– وَعَنْهُ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ إِنَّ لِهَذِهِ الآيَةِ لِسَانًا وَشَفَتَيْنِ تُقَدِّسُ الْمَلِكَ عِنْدَ سَاقِ الْعَرْشِ».

2.Аз Убай ибни Каъб-разияллоҳу анҳу-ривоят аст, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фамуд: «савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ин оят *(Оятаалкурсӣ)* лабу забон дорад ва канори соқи Арш покии мулк (-и Худованд)-ро баён мекунад».

3– وَعَنْ أَبِي أُمَامَةَ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَنْ قَرَأَ آيَةَ الْكُرْسِيِّ دُبُرَ كُلِّ صَلاَةٍ مَكْتُوبَةٍ لَمْ يَمْنَعْهُ مِنْ دُخُولِ الْجَنَّةِ إِلَّا الْمَوْتُ».

3.Абуумома-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас “Оятулкурсӣ”-ро баъд аз намози фарз бихонад, фақат марг аст, ки монеи

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

вуруди ӯ ба биҳишт мешавад»[1] *(яъне ба маҳзи ин ки мирад вориди биҳишт мешавад).*

**4– وفي قصة أبي بن كعب إخبارَ الشيطان «أَنَّ آيَةَ الْكُرْسِيِّ حِرْزٌ مِنَ الشَّيْطَانِ».**

4.Ва дар достони Убай ибни Каъб-разияллоҳу анҳу-омадааст, ки: шайтон гуфт: агар "Ояталкурсӣ"-ро бихонед, чизҳои шумо аз шайтон ҳифозат мешавад ва Набии Акрам - саллаллоҳу алайҳи васаллам- ин матлабро таъйид намуд[2].

**5– وفي قصة أبي أيوب الأنصاري قَولَ الغُولِ: "إِنِّى ذَاكِرَةٌ لَكَ شَيْئًا آيَةَ الْكُرْسِيِّ اقْرَأْهَا فِي بَيْتِكَ فَلاَ يَقْرَبُكَ شَيْطَانٌ وَلاَ غَيْرُهُ" فَقَالَ ﷺ: «صَدَقَتْ وَهِىَ كَذُوبٌ».**

5.Ҳамчунин дар достони Абуаюби Ансорӣ амадааст, ки шайтон ба вай гуфт: чизе бо ту мегӯям; «Ояталкурсӣ»-ро дар хонаат бихон, шайтон ва ҳеҷ чизи дигаре ба ту наздик намешавад. Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- баъд аз шунидани он фамуд: «дар ин масъала рост гуфтааст ва ӯ бисёр дурӯғ мегӯяд».[3]

**6– ومثله في قصة أبي هريرة وفيها قَول الشيطان "إِذَا أَوَيْتَ إِلَى فِرَاشِكَ فَاقْرَأْ آيَةَ الْكُرْسِيِّ مِنْ أَوَّلِهَا حَتَّى تَخْتِمَ. وَقَالَ: لاَ يَزَالُ عَلَيْكَ مِنَ اللَّهِ حَافِظٌ وَلاَ يَقْرَبُكَ شَيْطَانٌ حَتَّى تُصْبِحَ" فَقَالَ ﷺ: «أَمَا إِنَّهُ قَدْ صَدَقَكَ وَهُوَ كَذُوبٌ».**

6.Ва дар достони Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-низ амадааст, ки шайтон ба вай гуфт: ҳар гоҳ ба ҷои хобат рафтӣ "Ояталкурсӣ"-ро аз аввал то охир бихон. Дар ин сурат аз тарафи Худованд нигаҳбоне барoят таъйин мегардад ва то субҳ ҳеҷ шайтоне ба ту наздик намешавад. Расулуллоҳ -саллаллоҳу

---

[1] *"Саҳеҳи Ибни Ҳибон" ва "Сунани Насоӣ" ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар "Силсилаи саҳиҳа" омадааст.*

[2] *"Саҳеҳи Ибни Ҳибон" ҳамчунин дар «Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб» амадааст.*

[3] *Ривояти Тирмизӣ ва бо ривояти дигар тақвият мешавад, чунончи дар «Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб» амадааст.*

алайҳи васаллам- баъд аз шунидани ин моҷаро фармуд: «ӯ ба ту рост гуфтааст вале бояд бидонед, ки бисёр дурӯғгӯст».[1]

## ФАЗОИЛИ ДУ ОЯТИ ОХИРИ СУРАИ БАҚАРА

1– وَفِي حديث ابن عباس ب – السابق– قول الملك «أَبْشِرْ بِنُورَيْنِ أُوتِيتَهُمَا لَمْ يُؤْتَهُمَا نَبِيٌّ قَبْلَكَ فَاتِحَةُ الْكِتَابِ وَخَوَاتِيمُ سُورَةِ الْبَقَرَةِ لَنْ تَقْرَأَ بِحَرْفٍ مِنْهُمَا إِلاَّ أُعْطِيتَهُ».

1.Дар ҳадисе, ки аз ибни Аббос-разияллоҳу анҳума-ривоят гардид омадааст, ки фариштае ба Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- гуфт: «туро ба ду нур мужда медиҳам, ки ба ту иноят шудаанд ва ба ҳеҷ паёмбаре қабл аз ту иноят нашудаанд. Онҳо сураи “Фотиҳа” ва оёти поёнӣ сураи “Бақара” *(ду ояти охир)* ҳастанд, ҳар ҳарфе аз онҳоро ки бихонӣ, дуоят иҷобат мешавад».[2]

2– عَنِ النُّعْمَانِ بْنِ بَشِيرٍ ﭬ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «إِنَّ اللَّهَ كَتَبَ كِتَابًا قَبْلَ أَنْ يَخْلُقَ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضَ بِأَلْفَيْ عَامٍ أَنْزَلَ مِنْهُ آيَتَيْنِ خَتَمَ بِهِمَا سُورَةَ الْبَقَرَةِ وَلاَ يُقْرَآنِ فِى دَارٍ ثَلاَثَ لَيَالٍ فَيَقْرَبُهَا شَيْطَانٌ».

2.Нуъмон ибни Башир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Худованд ду ҳазор сол қабл аз офариниши осмонҳо ва замин китобе навишт ва ду оят аз онро нозил фармуд ва бо онҳо сураи “Бақара”-ро ба поён расонид. Дар ҳар хонае ки се шаб хонда шавад, шайтон ба он хона наздик намешавад».[3]

---

[1] *Саҳеҳи Бухорӣ.*

[2] *Саҳеҳи Муслим.*

[3] *Ривояти Тирмизӣ ва Нисоӣ ва ибни Ҳибон ва ин ҳадис саҳеҳ аст чунончи дар «Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб» амадааст.*

**3– عن أبي ذر ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «أُعْطِيتُ هَذِهِ الآيَاتِ مِنْ آخِرِ سورة لْبَقَرَةِ مِنْ كَنْزٍ تَحْتَ الْعَرْشِ لَمْ يُعْطَهَا نَبِيٌّ قَبْلِي».**

3.Абузар-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «оёти поёни сураи “Бақара” аз хазонае дар зери Арш ба ман иноят шудаанд, ки ба ҳеҷ паёмбаре қабл аз ман иноят нашудааст».[1]

**4– عَنْ عُقْبَةَ بن عَامِرٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «اقْرَؤُوا هَاتَيْنِ الآيَتَيْنِ فِي آخِرِ سُورَةِ لْبَقَرَةِ، فَإِنَّ رَبِّي أَعْطَانِيهِمَا مِنْ تَحْتِ الْعَرْشِ».**

4.Уқба ибни Омир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ин ду ояти сураи “Бақара”-ро бихонед, зеро онҳоро Парвардигорам аз зери Арш ба ман иноят фармудааст».[2]

**5– عن ابن مسعود ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَنْ قَرَأَ الآيَتَيْنِ مِنْ آخِرِ سُورَةِ لْبَقَرَةِ كَفَتَاهُ».**

5.Ибни Масъуд-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас ду ояти поёни сураи “Бақара”-ро бихонад ӯро (аз ҳар бадӣ) кифоят менамояд».[3]

**6– وَعن ابن مسعود أنه ﷺ أُعْطِيَ (ليلة الإسراء) ثَلَاثًا، أُعْطِيَ الصَّلَوَاتِ الْخَمْسَ وَأُعْطِيَ خَوَاتِيمَ سُورَةِ لْبَقَرَةِ وَغُفِرَ لِمَنْ لَمْ يُشْرِكْ بِاللَّهِ مِنْ أُمَّتِهِ شَيْئًا الْمُقْحِمَاتُ» (أي الكبائر الموبقات المهلكات).**

6.Ибни Масъуд-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: ба Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- (дар шаби Исро) се чиз иноят

---

[1] *Ривояти Аҳмад ва ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» омадааст.*

[2] *Ривояти Аҳмад ва Табаронӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар “Силсилаи саҳеҳа” омадааст.*

[3] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

гардид: намозҳои панҷгона, оёти поёнии сураи “Бақара” ва барои касоне аз умматаш, ки ба Аллоҳ ширк наовардаанд, гуноҳҳони кабираашон (ки боиси ворид ба ҷаҳаннам мешаванд) бахшида шуданд.[1]

Имом Нававӣ-раҳимаҳуллоҳ-мегӯяд: “ҳадаф аз бахшидашудани гуноҳҳои кабира ин аст, ки анҷомдиҳиндагони гуноҳи кабира ҳамеша дар ҷаҳаннам намемонанд бар хилофи мушрикин, ки барои ҳамеша дар ҷаҳаннам ба сар мебаранд ва ҳадаф ин нест, ки соҳибони гуноҳи кабира аслан дучори азоб намешаванд зеро нусуси шариат ва иҷмои аҳли сунат ин нуқтаро ба исбот мерасонанд, ки баъзе яктопарастони гунаҳгор дучори азоб мешаванд” валлоҳу аълам.

## ФАЗОИЛИ СУРАИ ОЛИ ИМРОН

**1– حديث النواس بن سمعان (السابق) «يُؤْتَى بِالْقُرْآنِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَأَهْلِهِ الَّذِينَ كَانُوا يَعْمَلُونَ بِهِ تَقْدُمُهُ سُورَةُ الْبَقَرَةِ وَآلُ عِمْرَانَ».**

1.Ҳадиси гузаштаи Нувос ибни Самъон-разияллоҳу анҳу- ки мугӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фамуд: «Рӯзи қиёмат Қуръон ва аҳли Қуръон *(ҳамон касоне ки дар дунё ба он амал мекарданд)*-ро меоваранд даро ҳоле, ки пешопеши Қуръон сураҳои “Бақара” ва “Оли Имрон” қарор дорад».[2]

**2– حديث أبي أمامة ﷺ (السابق) «اقْرَءُوا الْقُرْآنَ فَإِنَّهُ يَأْتِي يَوْمَ الْقِيَامَةِ شَفِيعًا لأَصْحَابِهِ اقْرَءُوا الزَّهْرَاوَيْنِ الْبَقَرَةَ وَسُورَةَ آلِ عِمْرَانَ فَإِنَّهُمَا تَأْتِيَانِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ كَأَنَّهُمَا غَمَامَتَانِ أَوْ كَأَنَّهُمَا غَيَايَتَانِ أَوْ كَأَنَّهُمَا فِرْقَانِ مِنْ طَيْرٍ صَوَافَّ تُحَاجَّانِ عَنْ أَصْحَابِهِمَا».**

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Саҳеҳи Муслим.*

2.Ҳадиси гузаштаи Абуумома, ки дар он Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Қуръон бихонед зеро Қуръон рӯзи қиёмат барои соҳибонаш шафоат мекунад, ду сураи нуронии “Бақара” ва “Оли Имрон”-ро бихонед зеро он ду рӯзи қиёмат ба шакли ду абр ё ду соябон ё ду гурӯҳи парранда, ки бол кушодаанд, меоянд ва аз соҳибонашон дифоъ мекунанд».[1]

3– حديث أبي أمامة ﷺ (السابق) «اسْمُ اللَّهِ الأَعْظَمُ الَّذِى إِذَا دُعِىَ بِهِ أَجَابَ فِى سُوَرٍ ثَلاَثٍ لِلْبَقَرَةِ وَآلِ عِمْرَانَ وَطَهَ».

3.Ҳадиси дигари Абуумома-разияллоҳу анҳу-ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «исми аъзами Илоҳӣ ки ҳар гоҳ бо он фаро хонда шавад, иҷобат мекунад дар сураи “Бақара”, “Оли Имрон” ва “Тоҳо” вуҷуд дорад».[2]

## ФАЗОИЛИ ОЁТИ АВВАЛИ СУРАИ ОЛИ ИМРОН

1– عَنْ أَسْمَاءَ بنتِ يَزِيدَ، قَالَتْ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «اسْمُ اللَّهِ الأَعْظَمُ فِي هَاتَيْنِ الآيَتَيْنِ: ﴿وَإِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ ۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلرَّحْمَٰنُ ٱلرَّحِيمُ ﴿١٦٣﴾﴾ وفاتحة آل عمران ﴿الٓمٓ ﴿١﴾ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلْحَىُّ ٱلْقَيُّومُ ﴿٢﴾﴾.

1.Асмо духтари Язид ибни Сакани Ансорӣ-разияллоҳу анҳо-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «исми аъзами Илоҳиро дар ду оят (ва илаҳукум илаҳу-в-ваҳидун, ла илаҳа илла ҳува-р-раҳмону-р-раҳим) ва ояти аввали

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Ривояти Ибни Моҷа ва Ҳокими Нишопурӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад, чуноничи дар «Силсилаи саҳиҳа» омадааст.*

сураи “Оли Имрон” (алиф лам мим. Аллоҳу ла илаҳа илла ҳува-л-ҳайю-л-қайюм) вуҷуд дорад».[1]

## ФАЗОИЛИ ОЁТИ ПОЁНИ СУРАИ ОЛИ ИМРОН

**1– عن عائشة ل أنها سئلت عن أعجب شيئ رأته من رسول الله ﷺ فسكتت ثم قالت: لما كان ليلة من الليالي قال: «يا عائشة ذريني أتعبد الليلة لربي» قلت: والله إني لأحب قربك وأحب ما سرك قالت: فقام فتطهر ثم قام يصلي قالت: فلم يزل يبكي حتى بل حجره قالت: ثم بكى فلم يزل يبكي حتى بل لحيته قالت: ثم بكى فلم يزل يبكي حتى بل الأرض فجاء بلال يؤذنه بالصلاة فلما رآه يبكي قال: يا رسول الله لم تبكي وقد غفر الله لك ما تقدم وما تأخر؟ قال: «أفلا أكون عبدا شكورا لقد أنزلت علي الليلة آية ويل لمن قرأها ولم يتفكر فيها** ﴿إِنَّ فِي خَلۡقِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَٱخۡتِلَٰفِ ٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ لَأٓيَٰتٖ لِّأُوْلِي ٱلۡأَلۡبَٰبِ ١٩٠﴾».

1.Аз Модари мӯъминон Оиша -разияллоҳу анҳо-ривоят аст, ки аз эшон дар мавриди шигифтангезтарин чизе ки аз Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- мушоҳида намудааст, пурсиданд. Ӯ андаке сукут намуд, сипас гуфт: яке аз шабҳо Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «эй Оиша! Имшаб маро бигузор, ки ба ибодати Парвардигорам бипардозам». Оиша-разияллоҳо анҳо-мегӯяд: гуфтам: ба Худо савганд, ки ман дар канори шумо буданро дӯст медорам. Ҳамчунин он чиро ки боиси хушҳолии шумо шавад ҳам дӯст дорам. Ба ҳар ҳол он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- бархост ва вузӯъ сохт ва ба намоз истод ва он қадар гиря намуд, ки пироҳанаш тар шуд. Ҳамчунин дар ҳолати нишаста

---

[1] *Ривояти Аҳмад ва Абӯдовуд ва Тирмизӣ ва Ибни Моҷа бо санади ҳасан чунончи дар «Саҳеҳи Абӯдовуд» омадааст.*

ба андозае гиря намуд, ки ришаш тар шуд. Баъд аз он, он қадар гиря намуд, ки замин тар шуд. Он гоҳ Билол омад ва вақти намоз эълон намуд ва чун дид, Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- гиря менамояд, гуфт: эй расули Худо! шумо гиря мекунед дар ҳоле, ки Худованд гуноҳҳони гузашта ва ояндаи шуморо мағфират намудааст!? Он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «оё бандаи сипосгузоре набошам? Ояте бар ман нозил шудааст, вой бар ҳоли касе ки онро бихонад ва дар он тадаббур накунад (Инна фи халқи-с-самавати ва-л-арзи вахтилофи-л-лайли ва-н-наҳар лааяти-л-лиули-л-албаб). *(Ҳамоно дар офариниши осмонҳо ва замин ва омаду шуди шабу рӯз, нишонаҳое барои соҳибони хирад аст)».*[1]

2– عن ابن عباس ب أَنَّهُ بَاتَ عِنْدَ مَيْمُونَةَ لـفَنَامَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ حَتَّى انْتَصَفَ اللَّيْلُ، أَوْ قَبْلَهُ بِقَلِيلٍ، ثُمَّ اسْتَيْقَظَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ فَجَعَلَ يَمْسَحُ النَّوْمَ عَنْ وَجْهِهِ بِيَدَيْهِ، فَخَرَجَ فَنَظَرَ فِي السَّماءِ ثُمَّ تَلاَ الْعَشْرَ الآيَاتِ الْخَوَاتِمَ مِنْ سُورَةِ آلِ عِمْرَانَ، ثُمَّ قَامَ إِلَى شَنَّةٍ مُعَلَّقَةٍ فَتَوَضَّأَ مِنْهَا، فَأَحْسَنَ وُضُوءَهُ، ثُمَّ قَامَ يُصَلِّى».

2. Аз ибни Аббос-разияллоҳу анҳума-ривоят аст ки: эшон шабе дар хонаи холааш Маймуна-ҳамсари гиромии Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- хобид. Он ҳазрат-саллаллоҳу алайҳи васаллам- низ хобид вале пас аз сипарӣ шудани нисфи шаб ё камтар аз он бедор шуд ва бо кашидани дастҳо бар чеҳраи хеш хобро аз худ дур карда ва даҳ ояти охири сураи "Оли Имрон"-ро тиловат намуд ва баъд ба сӯи мушки обе, ки овезон буд рафт ва хубу комил вузӯъ гирифт ва ба намоз истод».[2]

---

[1] *"Саҳеҳи ибни Ҳибон" ва ин ҳадис ҳасан мебошад чунончи дар «Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб» омадааст.*

[2] *Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

## ФАЗИЛАТИ ҲАФТ СУРАИ ТӮЛОНИИ ҚУРЪОНИ КАРИМ

**1– عَنْ عَائِشَةَ ل أَنَّ النَّبِيَّ ﷺ قَالَ: «مَنْ أَخَذَ السَّبْعَ الأُوَلَـفَهُوَ حَبْرٌ (اي عالم) "وفي رواية"ـفَهُوَ خَيرٌ»**

1.Оиша-разияллоҳу анҳо-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас ҳафт сураи нахусти Қуръони Каримро биёмузад, олим ва донишманд ба ҳисоб меравад» ва дар ривояте фармуд: «хайр ва савоби бузурге ба даст овардааст».[1]

**2– وفي حديث واثلة بن الأسقع (السابق) «أُعْطِيتُ مَكَانَ لِلتَّوْرَاةِ السَّبْعَ»**

2.Ҳамчунин дар ҳадиси Восила ибни Асқаъ-разияллоҳу анҳу-ки баёни он гузашт, Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ба ҷои Таврот ба ман ҳафт сураи нахусти Қуръони Карим иноят шудааст».[2]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ МОИДА

**1– عَنْ أَسْمَاءَ بِنْتِ يَزِيدَ ل قَالَتْ: إِنِّى لآخِذَةٌ بِزِمَامِ الْعَضْبَاءِ نَاقَةِ رَسُولِ اللَّهِ ﷺ إِذْ أُنْزِلَتْ عَلَيْهِ (الْمَائِدَةُ) كُلُّهَا وَكَادَتْ مِنْ ثِقَلِهَا تَدُقُّ بِعَضُدِ النَّاقَةِ "وفي رواية"ـفَلَمْ تَسْتَطِع أَنْ تحملهـفَنَزَلَ عَنْها».**

1.Асмо духтари Язид ибни Сакани Ансорӣ-разияллоҳу анҳо-мегӯяд: «маҳори Азбоъ- шутури Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- ба дасти ман буд, ки тамоми сураи “Моида” бар он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- нозил гардид ва аз шиддати сангини он наздик буд бозӯи ноқа *(шутур)*-и Паёмбар

---

[1] *Ривояти Аҳмад ва Ҳокими Нишопурӣ ва ин ҳадис ҳасан мебошад чунончи дар «Силсилаи саҳиҳа» омадааст.*

[2] *Нигар: “Саҳеҳи ҷомиъ”.*

-саллаллоҳу алайҳи васаллам- дар ҳам бишканад» ва дарривояте омадааст, ки: «шутур натавонист ки он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- ро таҳаммул кунад дар натиҷа, он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- пиёда шуд».[1]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ АНЪОМ

**1– عن جابر ﷺ، قال: لما نزلت سورة الأنعام سبح رسول الله ﷺ، ثم قال: «لقد شيع هذه السورة من الملائكة ما سد الأفق».**

1.Ҷобир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: ҳангоме ки сураи “Анъом” нозил гардид Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- тасбеҳ гуфт *(Худовандро ба покӣ ёд кард)* ва фармуд. «теъдоди зиёди фариштагон ин сураро ҳамроҳӣ мекарданд то ҷое ки фазоро ба таври комил гирифта будаанд».[2]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ТАВБА

**1– قَالَ ابن عباس ب «للتَّوْبَةُ هِيَ الْفَاضِحَةُ، مَا زَالَتْ تَنْزِلُ وَمِنْهُمْ وَمِنْهُمْ، حَتَّى ظَنُّوا أَنَّهَا لَمْ تُبْقِ أَحَدًا مِنْهُمْ إِلاَّ ذُكِرَ فِيهَا».**

1.Ибни Аббос-разияллоҳу анҳума-мегӯяд: сураи “Тавба” сураест, ки бисёреро расво кард. Ин сура ҳамчунон нозил мешуд ва мегӯфт: баъзе аз онҳо (мунофиқон) ин корро

---

*[1] Ривояти Аҳмад ва ин ривоят ҳасан мебошад чунончи дар “Саҳиҳи ассирра” омадааст.*

*[2] Ин ҳадис шоҳидҳои зиёде дорад, ки Табаронӣ ва дигарон аз ибни Аббос, ибни Умар, Убай ибни Каъб, Анас ва ибни Масъуд-разияллоҳу анҳум аҷмаъин- ривоят кардаанд бинобар ин бо тамоми туруқаш ба исбот мерасонад. Нигар: “Аддур-ул-мансур” ва “Фатҳ-ул-қадир” ва “Тафсири Табарӣ” аввали сураи “Анъом” (қобили ёдоварист, ки ин ҳадисро муҳаддиси аср -Аллома Албонӣ- дар “Силсилаи заифа” № 5627 “мункар” донистааст- мутарҷим).*

мекунанд ва баъзе аз онҳо ин гуна мегӯянд то ҷое, ки мунофиқон гумон мекарданд, ки аз ҳамаи онон дар ин сура сухан ба миён омада ва ҳеҷ кас боқӣ намондааст».[1]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ҲУД

**1– عَنِ ابْنِ عَبَّاسٍ ب قَالَ: قَالَ أَبُو بَكْرٍ ﵁ يَا رَسُولَ اللَّهِ قَدْ شِبْتَ. قَالَ: «شَيَّبَتْنِى هُودٌ وَالْوَاقِعَةُ وَالْمُرْسَلاَتُ وَ(عَمَّ يَتَسَاءَلُونَ) وَ(إِذَا الشَّمْسُ كُوِّرَتْ)».**

1.Ибни Аббос-разияллоҳу анҳума-мегӯяд: Абубакр гуфт: эй Расули Худо! Пир шудаед. Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «маро сураи “Ҳуд”, “Воқеъа”, “Мурсалот”, “Амма ятасаалун” ва “Изашшамсу куввират” пир кард».[2]

**2– وَعَنْ أَبِي جُحَيْفَةَ، قَالَ: قَالُوا: يَا رَسُولَ اللهِ نَرَاكَ قَدْ شِبْتَ، قَالَ: «قَدْ شَيَّبَتْنِي هُودٌ وَأَخَوَاتُهَا».**

2.Абӯҷухайфа-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: мардум гуфтанд эй Расули Худо! Мебинем, ки пир шудаед? Он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «маро сураи “Ҳуд” ва сураҳои мушобеҳи *(монанди)* он пир карданд».[3]

## ФАЗОИЛИ СУРА КАҲФ

**1– عن أبي سعيد الخدري ﵁ عَنِ النَّبِيِّ ﷺ قَالَ: «مَنْ قَرَأَ سُورَةَ الْكَهْفِ كَمَا أُنْزِلَتْ كَانَتْ لَهُ نُورًا يَوْمَ الْقِيَامَةِ».**

1.Абусаиди Худрӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас сураи “Каҳф”-

---

*[1] Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.*

*[2] Ривояти Тирмизӣ ва Ҳокими Нишопурӣ. Нигар: “Силсилаи саҳеҳа”.*

*[3] Ривояти Табаронӣ ва нигар: «Силсилаи саҳиҳа» ва “Саҳеҳи ҷомиъ”.*

ро он гуна ки нозил шудааст бихонад барояш рӯзи қиёмат табдил ба як нур мегардад»[1].

**2– عَنْ أبي سعيد الخدري ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ الله ﷺ: «مَنْ قَرَأَ سُورَةَ الْكَهْفِ يَوْمَ الْجُمُعَةِ، أَضَاءَ لَهُ مِنَ النُّورِ مَا بَيْنَ الْجُمُعَتَيْنِ».**

2.Абӯсаъиди Худрӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас рӯзи ҷумъа сураи “Каҳф”-ро бихонад, миёни ду ҷумъа барояш нӯрони мегардад».[2]

**3– عَنْ أبي سعيد الخدري ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ الله ﷺ: «من قرأ سورة الكهف يوم الجمعة أضاء له من النور ما بينه و بين البيت العتيق».**

3.Абӯсаъиди Худрӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас рӯзи ҷумъа - сураи “Каҳф”-ро бихонад, ҳадди фосили миёни ӯ ва хонаи Каъба нӯронӣ мегардад».[3]

## ФАЗИЛАТИ ОЯТИ АВВАЛИ СУРАИ КАҲФ

**1– عَنْ أَبِى الدَّرْدَاءِ ﷺ أَنَّ النَّبِىَّ ﷺ قَالَ: «مَنْ حَفِظَ عَشْرَ آيَاتٍ مِنْ أَوَّلِ سُورَةِ الْكَهْفِ عُصِمَ مِنَ الدَّجَّالِ "وفي لفظ" عُصِمَ مِنْ فِتْنَةِ الدَّجَّالِ».**

1.Абӯдардо-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас даҳ оят аз аввали сураи “Каҳф”-ро ҳифз намояд аз Даҷҷол ҳифозат

---

[1] *Ривояти Ҳокими Нишопурӣ ва ин ривоят саҳеҳ лиғайриҳи мебошад.*

[2] *Ривояти Ҳокими Нишопурӣ ва Байҳақӣ ва ин ривоят саҳеҳ мебошад, чунончи дар «Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб» омадааст.*

[3] *Ривояти Байҳақӣ дар “Ашшуаб”, чунончи дар “Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб” ва “Ирва-ул-ғалил” омадааст.*

мешавад». Ва дар лафзе омадааст, ки: «аз фитнаи шайтон ҳифозат мешавад».[1]

**2– عن أبي سعيد الخدري ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ الله ﷺ: «مَنْ قرأ عشر آيات من أولها ثم خرج الدجال لم يسلط عليه»**

2.Абӯсаъиди Худрӣ-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ - саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас даҳ оят аз аввали сураи “Каҳф”-ро бихонад ва баъд аз он Даҷҷол зуҳур кунад, Даҷҷол наметавонад бар ӯ пирӯз шавад».[2]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ТОҲО

**1– في حديث أبي أمامة ﷺ (السابق) «اسْمُ اللَّهِ الأَعْظَمُ الَّذِى إِذَا دُعِىَ بِهِ أَجَابَ فِى سُوَرٍ ثَلاَثٍ لِلْبَقَرَةِ وَآلِ عِمْرَانَ وَطَهَ».**

1.Дар ин бора ҳадиси Абуумома-разияллоҳу анҳу-баён гардид ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «исми аъзами Илоҳӣ, ки агар ба он фарохонда шавад иҷобат мекунад дар се сураи Қуръони карим яъне сураҳои “Бақара”, “Оли Имрон”, ва “Тоҳо” вуҷуд дорад».[3]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ҲАҶҶ

**1– عَنْ ابن مسعودٍ ﷺ قَالَ: «أول سورة نزلت فيها السجدة الحج، قرأها رَسُولُ الله ﷺ فسجد وسجد الناس إلا رجل أخذ التراب فسجد عليه فرأيته قُتِلَ كافِراً».**

1.Ибни Масъуд-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: нахустин сурае, ки нозил гардид ва дар он саҷда вуҷуд дошт, сура “Ҳаҷҷ” буд. Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- онро тиловат намуд;

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Ривояти Ҳокими Нишопурӣ ва ин ҳадис саҳеҳ лиғайриҳӣ мебошад, чунончи дар «Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб» омадааст.*

[3] *Нигар: “Саҳеҳи ҷомиъ”.*

саҷда кард ва мардум ҳамроҳи эшон саҷда карданд ба ҷуз як нафар ки миқдоре хок бардошт (ва бидуни ин ки сарашро поён кунад) бар онҳо саҷда кард, баъдҳо вайро дидам ки дар ҳолати куфр кушта шуд.[1]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ СОД

**1– عَنْ أبي سعيد ﷺ قال: «رَأَيْتُ فِيمَا يَرَى النَّائِمُ كَأَنِّي تَحْتَ شَجَرَةٍ، وَكَأَنَّ الشَّجَرَةَ تَقْرَأُ (ص)، فَلَمَّا أَتَتْ عَلَى السَّجْدَةِ سَجَدَتْ، فَقَالَتْ فِي سُجُودِهَا: اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي بِهَا، اللَّهُمَّ حُطَّ عَنِّي بِهَا وِزْرًا، وَأَحْدِثْ لِي بِهَا شُكْرًا، وَتَقَبَّلْهَا مِنِّي كَمَا تَقَبَّلْتَ مِنْ عَبْدِكَ دَاوُدَ سَجْدَتَهُ، فَغَدَوْتُ عَلَى رَسُولِ اللَّهِ ﷺ فَأَخْبَرْتُهُ، فَقَالَ: سَجَدْتَ يَا أَبَا سَعِيدٍ؟ قُلْتُ: لا، قَالَ: فَأَنْتَ أَحَقُّ بِالسُّجُودِ مِنَ الشَّجَرَةِ، ثُمَّ قَرَأَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ سُورَةَ ص، ثُمَّ أَتَى عَلَى السَّجْدَةِ، وَقَالَ فِي سُجُودِهِ مَا قَالَتِ الشَّجَرَةُ فِي سُجُودِهَا»**

1.Абӯсаъид-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: хоб дидам, ки гӯё зери дарахте ҳастам ва он дарахт сураи "Сод"-ро мехонд онгаҳ ҳангоме ки ба ояти саҷда расид; саҷда намуд ва дар саҷда гуфт. Худоё! Ба василаи он маро мағфират кун бор илоҳо! Ба василаи он гуноҳонамро мағфират кун ва онро мояи сипосгузории ман бигардон ва онро аз ман бипазир ҳамонгуна, ки саҷдаи бандаат Довудро пазируфтӣ. Абӯсаъид-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: субҳи он рӯз ба хидмати Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам-расидам ва моҷароро ба он таъриф намудам. Он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «эй Абӯсаъид! Оё ту саҷда намудӣ?» Гуфтам: на фармуд: ту аз дарахт барои саҷда намудан шоистагии бештаре дорӣ. Сипас Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- сураи "Ссод"- ро тиловат намуд

[1] *Ривояти Ҳокими Нишопурӣ дар "Алмустадрак" бо санади саҳеҳ.*

ва ҳангоме, ки ба ояти саҷда расид; саҷда кард ва дар саҷдааш монанди дарахт дуо намуд».[1]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ФАТҲ

1– عَنْ عُمَرَ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «لَقَدْ أُنْزِلَتْ عَلَيَّ اللَّيْلَةَ سُورَةٌ لَهِيَ أَحَبُّ إِلَيَّ مِمَّا طَلَعَتْ عَلَيْهِ الشَّمْسُ» ثُمَّ قَرَأَ ﴿إِنَّا فَتَحْنَا لَكَ فَتْحًا مُّبِينًا ۝١﴾».

1.Умар ибни Хатоб-разияллоҳу анҳума-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «имшаб ба ман сурае нозил гардид, ки назди ман аз ҳар он чи кӣ хуршед бар он метобад *(тамоми дунё)* маҳбубтар аст ва он сураи “Фатҳ” мебошад».[2]

2– عَنْ أنسٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «لَقَدْ أُنْزِلَتْ عَلَيَّ آيَةٌ هِيَ أَحَبُّ إِلَيَّ مِنَ الدُّنْيَا جَمِيعًا ﴿إِنَّا فَتَحْنَا لَكَ فَتْحًا مُّبِينًا ۝١...﴾».

2.Аз Анас ибни Молик-разияллоҳу анҳу-ривоят аст, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «оятҳое бар ман нозил шудааст. Ки назди ман аз тамоми дунё маҳбубтар аст ва он (Инна фатаҳна лака фатҳам мубина) мебошад».[3]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ҚОФ

1– عَنْ أُمِّ هِشَامٍ بِنْتِ حَارِثَةَ بْنِ لِلنُّعْمَانِ ل قَالَتْ: «لَقَدْ كَانَ تَنُّورُنَا وَتَنُّورُ رَسُولِ اللَّهِ ﷺ وَاحِدًا سَنَتَيْنِ أَوْ سَنَةً وَبَعْضَ سَنَةٍ وَمَا أَخَذْتُ (ق وَالْقُرْآنِ الْمَجِيدِ) إِلاَّ عَنْ لِسَانِ رَسُولِ اللَّهِ ﷺ يَقْرَؤُهَا كُلَّ يَوْمِ جُمُعَةٍ عَلَى الْمِنْبَرِ إِذَا خَطَبَ النَّاسَ»

[1] *Ривояти Табаронӣ ва нигр: “Саҳеҳи таргиб ва тарҳиб”.*

[2] *Саҳеҳи Бухорӣ.*

[3] *Саҳеҳи Муслим.*

1.Умми Ҳишом духтари Ҳориса ибни Нуъмон-разияллоҳу анҳо-мегӯяд: ду сол ё як сол ё бахше аз як сол мо ва Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- аз як танур истифода менамудем ва сураи “Қоф”-ро ман сирфан аз забони Паёмбари акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фаро гирифтам. Он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- рӯзи ҷумъа, ҳангоми суханронӣ болои минбар онро мехонд».[1]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ НАҶМ

**1– عَنْ أبي هريرة ﷺ «أنَّ النَّبِيَّ ﷺ كتبتْ عنده سورةُ (النجم) فلما بلغ السجدةَ سجد وسجدنا معه، وسجدتِ الدواةُ والقلم».**

1.Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: дар ҳузури Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- сураи наҷмро навиштанд ҳангоме, ки он ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- ба ояти саҷда расид саҷда намуд, мо низ ҳамроҳи эшон саҷда кардем, ҳамчунин давот *(рангдон)* ва қалам низ саҷда карданд».[2]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ВОҚЕА

**1– حديث ابن عَبَّاسٍ ب (السابق) «شَيَّبَتْنِى هُودٌ وَالْوَاقِعَةُ وَالْمُرْسَلاَتُ وَ(عَمَّ يَتَسَاءَلُونَ) وَ(إِذَا الشَّمْسُ كُوِّرَتْ)».**

1.Дар ин бора ҳадиси ибни Аббос-разияллоҳу анҳу-дар гузашта баён гардид, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «сураҳои “Ҳуд”, “Воқеа”, “Набаъ” ва “Таквир” маро пир намуданд».[3]

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Ривояти Баззор ва нигар: “Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб”.*

[3] *Тахриҷи он баён шуд ва нигр: “Саҳеҳи ҷомиъ”.*

## ФАЗИЛАТИ СУРА МУЛК

**1– عَنْ أَبِى هُرَيْرَةَ أَنَّ النَّبِىَّ ﷺ قَالَ: «إِنَّ سُورَةً فِى الْقُرْآنِ ثَلاَثُونَ آيَةً شَفَعَتْ لِرَجُلٍ حَتَّى غُفِرَ لَهُ وَهِيَ (تَبَارَكَ الَّذِى بِيَدِهِ الْمُلْكُ)».**

1.Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Набии Акрам - саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «сурае дар Қуръон вуҷуд дорад, ки дорои сӣ оят мебошад ин сура барои як мард ба андозае шафоат намуд, ки боиси мағфирати вай гардид ва он сураи “Мулк” мебошад».[1]

**2– عَنْ أنسٍ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ الله ﷺ: «سُورَةٌ من القرآن ما هي إلا ثلاثون آية خاصمت عن صاحبها حتى أدخلته الجنة وهي (تبارك)».**

2.Анас-разияллоҳу анҳу-мегуяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «сурае дар Қуръон вуҷуд дорад, ки фақат сӣ оят мебошад он сура ба андозае аз соҳибаш дифоъ намуд то ин ки ӯро вориди биҳишт сохт ва он сураи “Мулк” мебошад».[2]

**3– عن ابن مسعود ﷺ، قال: «يؤتى الرجل في قبره فتؤتى رجلاه فتقول رجلاه: ليس لكم على ما قبلي سبيل كان يقوم يقرأ بي سورة الملك، ثم يؤتى من قبل صدره أو قال بطنه، فيقول: ليس لكم على ما قبلي سبيل كان أوعى فِيَّ سورة الملك، ثم يؤتى من قبل رأسه فيقول: ليس لكم على ما قبلي سبيل كان يقرأ بي سورة الملك، فهي المانعة تمنع من عذاب القبر وهي في التوراة سورة الملك، ومن قرأها في ليلة فقد أكثر وأطنب».**

---

[1] *Ривояти Аҳмад ва ибни Ҳибон ва Ҳоким бо санади ҳасан.Ннигар: “Саҳеҳи Абӯдовуд.*

[2] *Ҳадиси ҳасана аст. Нигоҳ: “Саҳеҳи Ҷомиъ ва «Саҳеҳи Абӯдовуд».*

3.Абдуллоҳ ибни Масъуд-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: фариштагони азоб дар қабр назди шахс мераванд. Нахуст аз ҷониби пойҳояш ба ӯ наздик мешаванд, пойҳояш мегӯяд: аз ҷониби ман ба ӯ дастрасӣ пайдо намекунед зеро ӯ (дар дунё) сураи “Мулк”-ро тиловат менамуд. Сипас, фариштагони азоб аз ҷониби сина ё шикам ба ӯ наздик мешаванд, сина мегӯяд: аз ҷониби ман наметавонед ба ӯ бирасед, зеро дар даруни ман сураи “Мулк”-ро ҳифз ва нигаҳдорӣ намуд. Баъд аз он аз тарафи сараш наздик мешаванд, сараш мегӯяд: аз ҷониби ман ҳам наметавонед баӯ наздик шавед, чаро ки ба восилаи ман сураи “Мулк”-ро тиловат менамуд. Бинобар ин бояд донист, ки сураи “Мулк” монеайест, ки аз азоби қабр пешгирӣ менамояд. Ин сура дар Таврот низ муаррифӣ шудааст. Ҳар кас шабона онро тиловат намояд кори зиёд ва бисёр хубе анҷом додааст».[1]

## ФАЗИЛАТИ СУРА МУРСАЛОТ

**1– حديث ابن عَبَّاسٍ ب (السابق) «شَيَّبَتْنِى هُودٌ وَالْوَاقِعَةُ وَالْمُرْسَلاَتُ وَ(عَمَّ يَتَسَاءَلُونَ) وَ(إِذَا الشَّمْسُ كُوِّرَتْ)».**

1.Дар ин бора ҳадиси ибни Аббос-разияллоҳу анҳу-баён шуд, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «сураи “Ҳуд”, “Воқеа”, “Мурсалот”, “Наба” ва “Таквир” маро пир карданд».[2]

---

[1] *Ҳоким онро ба сурати мавқуф ривоят намудааст ва нигоҳ: «Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб» албата ҷумлаи (сураи “Мулк” аз азоби Илоҳӣ ҷилавгири менамояд) ба таври марфӯъ аз Расули Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- ба субут расидааст.Нигар: “Силсилаи саҳеҳа” ва “Саҳеҳи ҷомеъ”.*

[2] *Тахриҷи он баён шуд.Нигоҳ: “Ҳаҳеҳи ҷомиъ”.*

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ НАБАЪ

**1– حديث ابن عَبَّاسٍ ب «شَيَّبَتْنِى هُودٌ وَالْوَاقِعَةُ وَالْمُرْسَلاَتُ وَ(عَمَّ يَتَسَاءَلُونَ) وَ(إِذَا الشَّمْسُ كُوِّرَتْ)».**

1.Ибни Аббос-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «сураи “Ҳуд”, “Воқеа”, “Мурсалот”, “Наба” ва “Таквир” маро пир карданд».

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ТАКВИР, ИНФИТОР ВА ИНШИҚОҚ

**1– حديث ابن عمر ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «مَنْ سَرَّهُ أَنْ يَنْظُرَ إِلَى يَوْمِ الْقِيَامَةِ كَأَنَّهُ رَأْىُ عَيْنٍ فَلْيَقْرَأْ (إِذَا الشَّمْسُ كُوِّرَتْ) وَ (إِذَا السَّمَاءُ انْفَطَرَتْ) وَ (إِذَا السَّمَاءُ انْشَقَّتْ)».**

1.Ибни Умар-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас мехоҳад рӯзи қиёматро бар он гуна мушоҳида кунад, ки гӯё бо чашм онро мебинанд, пас, сураҳои “Таквир”, “Инфитор” ва “Иншиқоқ”-ро тиловат намояд».[1]

**2– وفي فضل سورة التكوير حديث ابن عَبَّاسٍ ب (السابق) «شَيَّبَتْنِى هُودٌ وَالْوَاقِعَةُ وَالْمُرْسَلاَتُ وَ(عَمَّ يَتَسَاءَلُونَ) وَ(إِذَا الشَّمْسُ كُوِّرَتْ)».**

2.Ҳамчунин дар бораи фазилати сураи таквир ривояти ибни Аббос-разияллоҳу анҳу-ворид шудааст, ки Расули гиромии Ислом -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «сураи “Ҳуд”, “Воқеа”, “Мурсалот”, “Наба” ва “Таквир” маро пир карданд».

---

[1] *Ривояти Аҳмад, Тирмизӣ ва Ҳоким. Нигоҳ: “Силсилаи саҳиҳа”.*

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ КОФИРУН

**1–** عَنِ ابْنِ عَبَّاسٍ ب قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «(قُلْ يَاأَيُّهَا الْكَافِرُونَ) تَعْدِلُ رُبُعَ الْقُرْآنِ».

1.Ибни Аббос-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «сураи “Кофирун” бо як чаҳоруми Қуръон баробар мебошад».[1]

**2–** عن عائشة ل قَالَتْ: قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «نِعْمَ السُّورَتَانِ هُمَا يُقْرَآن فِي الرَّكْعَتَيْنِ قَبْلَ الْفَجْرِ (قُلْ يَاأَيُّهَا الْكَافِرُونَ) وَ (قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ)».

2.Аз Оиша-разияллоҳу анҳо-ривоят аст, ки Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «чӣ хуб ҳастанд сураҳои “Кофирун” ва “Ихлос”, ки дар ду ракъати қабл аз намози бомдод хонда мешаванд».[2]

**3–** قَالَ ﷺ لِنَوْفَلٍ: «اقْرَأْ (قُلْ يَاأَيُّهَا الْكَافِرُونَ) ثُمَّ نَمْ عَلَى خَاتِمَتِهَا فَإِنَّهَا بَرَاءَةٌ مِن الشِّرْكِ»

3.Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- хитоб ба Навфал фармуд: «сураи “Кофирун”-ро бихон ва баъд аз он бихоб зеро ин сура бароат *(безорӣ ҷӯстан)* аз ширк аст».[3]

## ФАЗИЛАТИ СУРАИ ИХЛОС

**1–** عَنْ ابن عباسٍ ب قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: (قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ) تَعْدِلُ ثُلُثَ الْقُرْآنِ».

1.Ибни Аббос-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «сураи “Ихлос” баробар бо як саввуми Қуръон мебошад».[1]

---

[1] *Ривояти Тирмизӣ. Нигоҳ: “Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб”.*

[2] *Ривояти саҳеҳ аст, ки дар “Саҳеҳи ибни Ҳибон” амадааст. Нигоҳ: “Силсилаи саҳеҳа”.*

[3] *Ривояти Абӯдовуд ва Тирмизӣ. Нигоҳ: “Саҳеҳи Абӯдовуд”.*

**2– عَنْ أَبِى الدَّرْدَاءِ ﷺ قال: قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «أَيَعْجِزُ أَحَدُكُمْ أَنْ يَقْرَأَ فِي لَيْلَةٍ ثُلُثَ الْقُرْآنِ؟» قَالُوا: وَكَيْفَ يَقْرَأُ ثُلُثَ الْقُرْآنِ؟ قَالَ: «(قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ) يَعْدِلُ ثُلُثَ الْقُرْآنِ».**

2.Абӯдардо-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «оё яке аз шумо наметавонад дар як шаб, як саввуми Қуръонро бихонад?» Саҳоба арз карданд: чӣ гуна яке аз мо метавонад як саввуми Қуръонро бихонад? Фармуданд: «сураи “Ихлос” баробар ба як саввуми Қуръон аст»[2].

**3– وفي روايةٍ «إِنَّ اللَّهَ جَزَّأَ الْقُرْآنَ ثَلَاثَةَ أَجْزَاءٍ، فَجَعَلَ قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ جُزْءًا مِنْ أَجْزَاءِ الْقُرْآنِ».**

3.Ва дар ривояте омадааст, ки Расули Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «Худованди Азза ва Ҷалл Қуръонро ба се бахш тақсим намудааст ва сураи “Ихлос” яке аз бахшҳои сегонаи Қуръон мебошад».[3]

**4– عَنْ أبي هريرةَ ﷺ قَالَ: أَقْبَلْتُ مَعَ رَسُولِ اللَّهِ ﷺ فَسَمِعَ رَجُلًا يَقْرَأُ (قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ) فَقَالَ: رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: وَجَبَتْ، فَسَأَلْتُهُ مَاذَا يَا رَسُولَ اللَّهِ؟ فَقَالَ: الْجَنَّةُ».**

4.Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу-мегӯяд ҳамроҳи Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- меомадам, он ҳазрат садои мардеро шунид, ки сураи “Ихлос”-ро мехонд. Паёмбар-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «воҷиб шуд». Гуфтам эй Расули Худо! Чӣ чизе? Фармуд: «биҳишт».[4]

---

[1] *Тахриҷи он баён шуд. Нигоҳ: “Саҳеҳи ҷомиъ”.*

[2] *Саҳеҳи Муслим.*

[3] *Саҳеҳи Муслим.*

[4] *Саҳеҳи Муслим.*

**5- وَعَنْهُ ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «احْشِدُوا فَإِنِّى سَأَقْرَأُ عَلَيْكُمْ ثُلُثَ الْقُرْآنِ» فَحَشَدَ مَنْ حَشَدَ ثُمَّ خَرَجَ نَبِىُّ اللَّهِ ﷺ فَقَرَأَ (قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ) ثُمَّ دَخَلَ فَقَالَ بَعْضُنَا لِبَعْضٍ: إِنِّى أُرَى هَذَا خَبَرٌ جَاءَهُ مِنَ السَّمَاءِ فَذَاكَ الَّذِى أَدْخَلَهُ. ثُمَّ خَرَجَ نَبِىُّ اللَّهِ ﷺ فَقَالَ: «إِنِّى قُلْتُ لَكُمْ سَأَقْرَأُ عَلَيْكُمْ ثُلُثَ الْقُرْآنِ أَلاَ إِنَّهَا تَعْدِلُ ثُلُثَ الْقُرْآنِ».**

5.Аз Абӯҳурайра-разияллоҳу анҳу- ривоят аст, ки Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҷамъ шавед зеро меҳоҳам як саввуми Қуръонро барои шумо бихонам». Пас, теъдоди зиёде ҷамъ шуданд. Он гоҳ Паёмбари акрам-саллаллоҳу алайҳи васаллам- берун омад ва сураи “Ихлос”-ро хонд ва вориди хона шуд. Сипас дубора берун омад ва фармуд: «ман ба шумо гуфтам : як саввуми Қуръонро барои шумо хоҳам хонд. Бидонед, ки сураи “Ихлос” бо як саввуми Қуръон баробарӣ мекунад».[1]

**6- عَنْ أَبِى سَعِيدٍ الْخُدْرِىِّ ﷺ أَنَّ رَجُلاً سَمِعَ رَجُلاً يَقْرَأُ (قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ) يُرَدِّدُهَا فَلَمَّا أَصْبَحَ جَاءَ إِلَى رَسُولِ اللَّهِ ﷺ فَذَكَرَ ذَلِكَ لَهُ وَكَأَنَّ الرَّجُلَ يَتَقَالُّهَا فَقَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «وَالَّذِى نَفْسِى بِيَدِهِ إِنَّهَا لَتَعْدِلُ ثُلُثَ الْقُرْآنِ».**

6.Абӯсаъиди Худрӣ-разияллоҳу анҳу- мегӯяд: шахсе шунид, ки фарди дигаре сураи “Ихлос”-ро мехонад ва такрор менамояд. Субҳҳангом назди Расули акрам-саллаллоҳу алайҳи васаллам- рафт ва моҷароро барояш таъриф намуд, тавре, ки гуё ин корашро хурд мешумурд. Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, сураи “Ихлос” баробар бо як саввуми Қуръон мебошад».[2]

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Саҳеҳи Бухорӣ.*

**7– عَنْ عَائِشَةَ ل أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ ﷺ بَعَثَ رَجُلاً عَلَى سَرِيَّةٍ وَكَانَ يَقْرَأُ لأَصْحَابِهِ فِى صَلاَتِهِمْ فَيَخْتِمُ بِ (قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ) فَلَمَّا رَجَعُوا ذَكَرُوا ذَلِكَ لِلنَّبِيِّ ﷺ فَقَالَ: «سَلُوهُ لأَىِّ شَىْءٍ يَصْنَعُ ذَلِكَ» فَسَأَلُوهُ فَقَالَ: لأَنَّهَا صِفَةُ الرَّحْمَنِ فَأَنَا أُحِبُّ أَنْ أَقْرَأَ بِهَا. فَقَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «أَخْبِرُوهُ أَنَّ اللَّهَ يُحِبُّهُ "وفي رواية" حُبُّكَ إِيَّاهَا أَدْخَلَكَ الْجَنَّةَ».**

7.Оиша-разияллоҳу анҳо- мегӯяд: Набии акрам-саллаллоҳу алайҳи васаллам- мардеро ба унвони масъули як дастаи низомӣ таъйин намуд. Он мард намозро барои ҳамроҳонаш имомат менамуд ва қироаташро дар намоз бо сураи “Ихлос” ба поён мерасонд. Ҳангоме ки баргаштанд, мавзӯъро бо Набии акрам дар миён гузоштанд. Он ҳазрат-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «аз ӯ бипурсед, ки чаро чунин мекунад?». Аз он мард иллатро пурсиданд, ӯ гуфт: Худованд дар сураи “Ихлос” тавсиф шудааст, бинобар ин ман дӯст дорам, ки онро бихонам. Набии акрам-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ба ӯ бигӯед, ки Худованд ӯро дӯст дорад». Ва дар ривояте омадааст, ки фармуд: «чун сифоти илоҳиро дӯст дорӣ, вориди биҳишт шудаӣ».[1]

**8– عن معاذ بن أنس ﷺ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «مَنْ قَرَأَ: (قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ) عَشْرَ مَرَّاتٍ بنى اللَّهُ لَهُ بَيْتًا فِي الْجَنَّةِ "وفي رواية" قَصْراً».**

8.Муъоз ибни Анас-разияллоҳу анҳу- мегӯяд: Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «ҳар кас сураи “Ихлос”-ро даҳ бор бихонад, Худованд барояш хонае дар биҳишт месозад». Ва дар ривояте омадааст, ки: «барояш қасре дар биҳишт месозад».[2]

---

1 *Ривояти Бухорӣ ва Муслим.*

2 *Ривояти Аҳмад. Нигар: “Силсилаи саҳеҳа”.*

**9– حديث عائشة السابق قال ﷺ: «نِعْمَ السُّورَتَانِ هُمَا يَقْرَآن فِى الرَّكْعَتَيْنِ قَبْلَ الْفَجْرِ (قُلْ يَاأَيُّهَا الْكَافِرُونَ) وَ (قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ)».**

9.Аз Оиша-разияллоҳу анҳо- чунончи баён гардид, ривоят аст, ки Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «чӣ хубанд ду сурае, ки дар ду ракъати қабл аз намози субҳ хонда мешаванд яъне сураҳои: Кофирун ва Ихлос».[1]

**10– عَنْ عَائِشَةَ ل «أَنَّ النَّبِيَّ ﷺ كَانَ إِذَا أَوَى إِلَى فِرَاشِهِ كُلَّ لَيْلَةٍ جَمَعَ كَفَّيْهِ ثُمَّ نَفَثَ فِيهِمَا فَقَرَأَ فِيهِمَا (قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ) وَ (قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ الْفَلَقِ) وَ (قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ النَّاسِ) ثُمَّ يَمْسَحُ بِهِمَا مَا اسْتَطَاعَ مِنْ جَسَدِهِ يَبْدَأُ بِهِمَا عَلَى رَأْسِهِ وَوَجْهِهِ وَمَا أَقْبَلَ مِنْ جَسَدِهِ يَفْعَلُ ذَلِكَ ثَلاَثَ مَرَّاتٍ».**

10.Оиша-разияллоҳу анҳо- мегӯяд: Ҳар шаб ҳангоме, ки Набии акрам-саллаллоҳу алайҳи васаллам- ба рахти хобаш мерафт, кафҳои дасташро канори ҳам қарор медод ва сураҳои “Ихлос”, “Фалақ” ва “Нос”-ро мехонд ва дар дастҳояш medамид ва то ҷое аз баданаш, ки метавонист, даст мекашид. Ин корро аз сару сурат ва қисмати пеши баданаш оғоз менамуд ва ин амалро се бор такрор мекард.[2]

**11– حديث عبد الله بن خبيب ﷺ قَالَ: خَرَجْنَا فِى لَيْلَةِ مَطَرٍ وَظُلْمَةٍ شَدِيدَةٍ نَطْلُبُ رَسُولَ اللَّهِ ﷺ لِيُصَلِّىَ لَنَا فَأَدْرَكْنَاهُ فَقَالَ: «أَصَلَّيْتُمْ». فَلَمْ أَقُلْ شَيْئًا فَقَالَ: «قُلْ» فَلَمْ أَقُلْ شَيْئًا ثُمَّ قَالَ: «قُلْ» فَلَمْ أَقُلْ شَيْئًا ثُمَّ قَالَ: «قُلْ» فَقُلْتُ يَا رَسُولَ اللَّهِ مَا أَقُولُ؟ قَالَ: «(قُلْ هُوَ اللَّهُ أَحَدٌ) وَالْمُعَوِّذَتَيْنِ حِينَ تُمْسِى وَحِينَ تُصْبِحُ ثَلاَثَ مَرَّاتٍ تَكْفِيكَ مِنْ كُلِّ شَىْءٍ».**

---

[1] *Тахриҷи он баён гардид. Нигар: “Саҳеҳи ҷомеъ”.*

[2] *Ривояти Бухорӣ ва Муслим.*

11.Абдуллоҳ ибни Хубайб-разияллоҳу анҳу- мегӯяд: дар як шаби боронӣ ва бисёр торик берун рафтем то аз Расулуллоҳ-саллаллоҳу алайҳи васаллам- бихоҳем, ки намозро барои мо имомат намояд. Ҳангоме ки ба эшон расидем, фармуд: «оё намозро хондед?». Ман чизе нагуфтам. Фармуд: «бигу!». Гуфтам эй Расули Худо! чӣ бигӯям? Фармуд: «ҳангоми субҳу шом сураҳои Ихлос, Фалақ ва Носро се бор бихон туро аз ҳама чиз кифоят мекунанд».[1]

## ФАЗИЛАТИ СУРАҲОИ ФАЛАҚ ВА НОС

**1– حديث عبد الله بن خبيب ﷺ السابق.**

1.Дар ин бора ҳадиси Абдуллоҳ ибни Хубайб-разияллоҳу анҳу- баён гардид.

**2– حديث عائشة ل السابق في النوم.**

2.Ҳамчунин ҳадиси Оиша-разияллоҳу анҳо-ки ба ҳангоми хобидан ихтисос дошт баён гардид.

**3– عَنْ عَائِشَةَ ل أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ ﷺ كَانَ إِذَا اشْتَكَى يَقْرَأُ عَلَى نَفْسِهِ بِالْمُعَوِّذَاتِ وَيَنْفُثُ فَلَمَّا اشْتَدَّ وَجَعُهُ كُنْتُ أَقْرَأُ عَلَيْهِ وَأَمْسَحُ بِيَدِهِ رَجَاءَ بَرَكَتِهَا.**

3.Оиша-разияллоҳу анҳо-мегӯяд: ҳагоме, ки Расули Худо - саллаллоҳу алайҳи васаллам- мариз мешуд, сураҳои “Фалақ” ва “Нос”-ро мехонд ва худашро дам менамуд ва ҳангоме, ки бемориаш шиддат ёфт, ман онҳоро мехондам ва дасти худашро ба умеди баракат ба ҷасадаш мекашидам».[2]

[1] *Ривояти Абӯдовуд ва Тирмизӣ бо санади ҳасан. Нигар: “Саҳеҳи Абидовуд”.*

[2] *Саҳеҳи Бухорӣ.*

**4– عَنْ عُقْبَةَ بْنِ عَامِرٍ ﵁ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: «أَلَمْ تَرَ آيَاتٍ أُنْزِلَتِ اللَّيْلَةَ لَمْ يُرَ مِثْلُهُنَّ (قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ الْفَلَقِ) وَ (قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ النَّاسِ)».**

4.Уқба ибни Омир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «оё намедонед, ки дишаб оёте нозил шудааст, ки мисли онҳо дида нашудааст; онҳо сураҳои “Фалақ” ва “Нос” ҳастанд».[1]

**5– وَعَنْهُ ﵁ قَالَ: بَيْنَا أَنَا أَسِيرُ مَعَ رَسُولِ اللَّهِ ﷺ بَيْنَ الْجُحْفَةِ وَالْأَبْوَاءِ إِذْ غَشِيَتْنَا رِيحٌ وَظُلْمَةٌ شَدِيدَةٌ فَجَعَلَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ يَتَعَوَّذُ بِ (قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ الْفَلَقِ) وَ (قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ النَّاسِ) وَيَقُولُ: «يَا عُقْبَةُ تَعَوَّذْ بِهِمَا فَمَا تَعَوَّذَ مُتَعَوِّذٌ بِمِثْلِهِمَا» قَالَ: وَسَمِعْتُهُ يَؤُمُّنَا بِهِمَا فِي الصَّلاَةِ.**

5.Уқба ибни Омир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: рӯзе ҳамроҳи Расулулллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- миёни Ҷуҳфа ва Абво ҳаракат мекардам, ки бод ва торикии сахте моро фаро гирифт. Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- шурӯъ ба паноҳ бурдан ба Худованд *(дам кардан)* бо сураҳои “Фалақ” ва “Нос” намуд. Ва фармуд: «эй Уқба! Бо онҳо (худатро) дам кун зеро ҳеҷ дамкунандае ба мисли ин сураҳо дам нанамудааст».

Ровӣ *(ривоят кунандаи ҳадис)* мегӯяд: ҳамчунин он Ҳазрат -саллаллоҳу алайҳи васаллам- намозро имомат менамуд ва шунидам ки онҳоро дар намозе хонд[2].

**6– وَعَنْ جابِرٍ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ: «اقْرَأْ يَا جَابِرُ فَقُلْتُ: وَمَاذَا أَقْرَأُ بِأَبِي أَنْتَ وَأُمِّي يَا رَسُولَ اللهِ قَالَ: اقْرَأْ (قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ الْفَلَقِ) وَ (قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ النَّاسِ) فَقَرَأْتُهُمَا فَقَالَ: اقْرَأْ بِهِمَا وَلَنْ تَقْرَأَ بِمِثْلِهِمَا».**

---

1 *Саҳеҳи Муслим.*

2 *“Саҳеҳи ибни Ҳибон” ва ин ривоят саҳеҳ лиғайриҳӣ аст, чунончи дар «Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб» омадааст.*

6.Ҷобир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «эй Ҷобир! Бихон» гуфтам: падару модарам фидоят шаванд, чӣ бихонам? Фармуд: «сураҳои “Фалақ” ва “Нос”-ро». Ман ба дастураш амал намудам. Баъд аз он фармуд: «ин сураҳоро бихон ва ҳаргиз наметавонӣ монанди инҳо бихонӣ».[1]

**7– وَفي فضل سورة الفلق، عن عقبة بن عامر ﷺ قال: قلت: يا رسول الله، أقرئني إما من سورة (هود)، وإما من سورة (يوسف)، فقال رسول الله ﷺ: «يا عقبة بن عامر، إنك لن تقرأ سورة أحب إلى الله، ولا أبلغ عنده من أن تقرأ: (قل أعوذ برب الفلق)، فإن استطعت أن لا تفوتك في صلاة فافعل».**

7.Дар бораи фазилати сураи “Фалақ” Уқба ибни Омир-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: гуфтам эй Расули Худо! Чанд оят аз сураи “Ҳуд” ва чанд оят аз сураи “Юсуф” ба ман биёмуз. Фармуд: «эй Уқба! Ту ҳеҷ сурае маҳбубтар ва балиғтар назди Худованд аз сураи “Фалақ” намехонӣ ва саъй кун, ки хондани он дар намоз аз ту фавт нашавад».[2]

---

[1] *Ривояти Аҳмад ва Насоӣ ва ин ҳадис саҳеҳ мебошад чунончи дар «Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб» амадааст.*

[2] *“Саҳеҳи ибни Ҳибон” ва Ҳоким, нигоҳ: “Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб”.*

## НУКОТИ ПАРОКАНДАЕ ДАР БОРАИ СУРАҲО ВА ОЯТҲО

1.Нахустин сурае, ки аз Қуръон нозил гардид, “Иқра” буд.

2.Охирин сурае, ки нозил шуд сураи “Наср” буд зеро ибни Аббос-разияллоҳу анҳума-аз Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ пурсид оё охирин сурае, ки ба таври комил нозил шудааст медонӣ? Убайдуллоҳ гуфт: бале сураи “Наср” аст. Ибни Аббос-разияллоҳу анҳу-гуфт: дурӯст гуфтӣ.[1]

3.Охирин ояте, ки нозил шудааст ин сухани Худованди Мутаъол аст, ки мефармояд:

﴿وَٱتَّقُواْ يَوۡمًا تُرۡجَعُونَ فِيهِ إِلَى ٱللَّهِۖ ثُمَّ تُوَفَّىٰ كُلُّ نَفۡسٍ مَّا كَسَبَتۡ وَهُمۡ لَا يُظۡلَمُونَ ٢٨١﴾ [بقره: 281].

Иибни Аббос-разияллоҳу анҳу-мегӯяд: охирин ояте, ки бар Набии Акрам -саллаллоҳу алайҳи васаллам- нозил гардид ояти “рибо” буд, ки бо ҳамин се алфози фавқ ба поён мерасад.[2]

4.Бузургтарин сураи Қуръон “Фотиҳа” аст, чунончи Расулуллоҳ -саллаллоҳу алайҳи васаллам- фармуд: «бузургтарин сураи Қуръон “Фотиҳа” аст».

5.Бузургтарин ояти Куръон Карим “Оятулкурсӣ” мебошад.

6.Сураи “Ихлос” бо як саввуми Қуръон баробарӣ мекунад ва сураи “Кофирун” бо як чаҳоруми Қуръон баробарӣ менамояд ва ба ҳардуи онҳо сураи “Ихлос” мегӯянд зеро дар ин ду сура аз холисгардондани яктопарастии Худованди Муттаъол сухан ба миён амадааст.

---

[1] *Саҳеҳи Муслим.*

[2] *Саҳеҳи Бухорӣ.*